**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**Қ А Р О Р**

**Правительство Республики Таджикистан**
**ПОСТАНОВЛЕНИЕ**

Аз 1 августи соли 2012 № 381
ш. Душанбе

## Дар бораи Барномаи рушди иқтисодию иҷтимоии шаҳри Исфара барои солҳои 2013-2017

Бо мақсади таъмини вазъи устувори иқтисодӣ, муайян намудани самтҳои афзалиятноки рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳри Исфараи вилояти Суғд Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Барномаи рушди иқтисодию иҷтимоии шаҳри Исфара барои солҳои 2013-2017 тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2. Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати мелиоратсия ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Суғд ва шаҳри Исфара ва дигар вазорату идораҳо:

- дар доираи маблағҳое, ки ҳамасола дар Буҷети давлатӣ барои вазорату идораҳои соҳавӣ пешбинӣ карда мешавад, маблағҳои ғайрибуҷетӣ, маблағҳои иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ, сарпарастон ва ҷалби грантҳо ҷиҳати татбиқи "Барномаи рушди иқтисодию иҷтимоии шаҳри Исфара барои солҳои 2013-2017" тадбирҳои зарурӣ андешанд;
- бо мақсади таъмини маблағгузории пурраи Барномаи мазкур, оид ба дарёфти маблағҳои иловагӣ аз ҳисоби ҷамъиятҳои дигари молиявӣ, аз ҷумла ҷалби сармоягузории созмонҳои байналмилалии молиявӣ, бахши хусусӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ва корхонаҳои алоҳида, новобаста аз шакли моликияташон, чорабиниҳои дахлдорро амалӣ созанд.

3. Вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Суғд ва шаҳри Исфара бо мақсади амалӣ намудани нишондиҳандаҳои Барномаи мазкур тибқи тартиби муқарраргардида ҳуҷҷатҳои лоиҳавию хароҷотӣ ва лоиҳаҳои сармоягузориро барои ҷалби сармоягузориҳои дохилӣ ва хориҷӣ таҳия намуда, ба Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намоянд.

4. Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Суғд ва шаҳри Исфара дар якҷоягӣ бо вазорату идораҳои дахлдор ҷараёни иҷрои «Барномаи рушди иқтисодию иҷтимоии шаҳри Исфара барои солҳои 2013-2017»-ро таҳти назорат қарор дода, ҳар сол то 1 март оид ба рафти иҷрои Барномаи мазкур ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон гузориши муфассал ирсол намоянд.

Раиси
Ҳукумати Ҷумҳурии
Тоҷикистон

ДАСТГОҲИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ШУЪБАИ УМУМӢ

Эмомалӣ Раҳмон

Бо қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 1 августи соли 2012,
№ 381 тасдиқ шудааст

**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# БАРНОМАИ РУШДИ ИҚТИСОДИЮ ИҶТИМОИИ ШАҲРИ ИСФАРА БАРОИ СОЛҲОИ 2013-2017

**Душанбе-2012**

# Мундарича


**Рӯйхати ихтисорот ....................................................................................................5**

**ПЕШГУФТОР ...............................................................................................................6**

**1. ҲОЛАТИ УМУМӢ ВА ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ ВОҚЕИИ ШАҲРИ ИСФАРА............8**

**2. ИҚТИСОДИЁТ .........................................................................................................12**
2.1 Соҳаи саноат.............................................................................................................12
2.2. Соҳаи соҳибкории хурду миёна...........................................................................16
2.3. Соҳаи кишоварзӣ ....................................................................................................17

**3. ИҶТИМОИЁТ ...........................................................................................................22**
3.1 Тандурустӣ.................................................................................................................22
3.2. Маориф .....................................................................................................................24
3.3. Ҳифзи иҷтимоӣ.......................................................................................................28
3.4. Фарҳанг, варзиш ва сайёҳӣ...................................................................................28

**4. ИНФРАСОХТОР ......................................................................................................30**
4.1. Обтаъминкунӣ ва хизматрасонии коммуналӣ.....................................................30
4.2. Таъминот бо барқ.....................................................................................................31
4.3. Нақлиёт ва коммуникатсия.....................................................................................31
4.4. Алоқа ва фазои иттилоотӣ......................................................................................33

**Замимаҳо.......................................................................................................................35**

## Рӯйхати ихтисорот

| | |
|---|---|
| ААО | Агро Аксияи Олмон |
| АХД | Ассотсиатсияи хоҷагиҳои деҳқонӣ |
| ИДХО | Идораи давлатии хоҷагии оби |
| СМР | Стратегияи миллии рушд |
| СПКСК | Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| БРН | Барномаи рушди ноҳия |
| СХМ | Соҳибкории хурд ва миёна |
| КАТС | Кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ |
| ХМК | Хоҷагии манзилию коммуналӣ |
| ХД | Хоҷагии деҳқонӣ |
| АИО | Ассотсиатсияи истифодабарандагони об |
| ҶСШП | Ҷамъияти саҳомии шакли пӯшида |
| ҶДММ | Ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуд |
| ТҚХ | Ташкилоти қарздиҳии хурд |
| ПСМ | Партовҳои сахти маишӣ |
| КҲФ | Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда |
| ГКС | Гурӯҳҳои кории секторӣ |
| МИҲД | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ |
| ВРИС ҶТ | Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| КФД | Корхонаи фаръии давлатӣ |
| ИҶ | Иттиҳодияи ҷамъиятӣ |
| БРСММ | Барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳид |
| ИТИКТ | Институти такмили ихтисоси кормандони тиббӣ |

# П Е Ш Г У Ф Т О Р

**Шаҳри Исфара - минтақаи озоди саноатӣ-инноватсионӣ ва маркази тараққикардаи соҳибкорӣ буда, дар он соҳаи кишоварзӣ инкишоф ёфтааст. Шаҳр дорои инфрасохтори замонавӣ ва осоишгоҳҳои табобатию истироҳатӣ мебошад. Дар шаҳр мардуми солим, бофарҳангу бомаърифат, сарбаланду худшинос истиқомат дошта, аз шароити хуби хизматрасонии муассисаҳои таълимӣ, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоӣ ва фарҳангию фароғатӣ бархӯрдор мебошанд.**

«Барномаи рушди иқтисодию иҷтимоии шаҳри Исфара барои солҳои 2013-2017» тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2012, №181 дар асоси таҳлили амиқи равандҳои ҷойдоштаи соҳаҳои иқтисодиёту иҷтимоиёти шаҳр таҳия гардида, ба рушду инкишофи соҳаҳои мухталифи хоҷагии халқ, пешрафти ҷомеа, ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ, нигоҳдории муҳити мусоиди зист ва беҳдошти сатҳи зиндагии мардум нигаронида шудааст.

Ба Барнома 338 лоиҳа ворид гардида, маблағи умумии он 1 млрд. 480,6 млн сомонӣ мебошад.

Аз шумораи умумии лоиҳаҳои ба Барнома воридгардида 38 лоиҳа ба маблағи 137,6 млн.сомонӣ ба бахши иқтисодӣ, 152 лоиҳа ба маблағи 209,8 млн.сомонӣ ба бахши иҷтимоӣ, 106 лоиҳа ба маблағи 1093,5 млн. сомонӣ ба бахши инфрасохтор ва 34 лоиҳа ба маблағи 23,4 млн. сомонӣ ба бахши ҳифзи муҳити зист ва ҳолатҳои фавқулодда тааллуқ доранд.

*Тақсимоти*
*маблағҳои "Барномаи рушди иқтисодию иҷтимоии шаҳри Исфара барои солҳои 2013-2017» аз рӯи соҳаҳо аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳои маблағгузорӣ*
*(ҳаз. сомонӣ)*

| Соҳаҳо | Ҳамагӣ | Солҳо | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 |
| Иқтисодиёт | 137570,7 | 26541,9 | 24882,7 | 28645,0 | 31581,0 | 25920,0 |
| • Саноат | 25175,0 | 5975,0 | 5600,0 | 5800,0 | 3800,0 | 4000,0 |
| • Соҳибкорӣ | 35936,2 | 13193,7 | 6868,7 | 5362,7 | 5261,0 | 5250,0 |
| • Кишоварзӣ | 76459,5 | 7373,2 | 12414,0 | 17482,3 | 22520,0 | 16670,0 |
| Иҷтимоиёт | 209761,1 | 27135,5 | 29148,2 | 38904,2 | 59328,1 | 55245,1 |
| • Тандурустӣ | 58664,2 | 991,5 | 10196,7 | 17988,0 | 18604,0 | 10884,0 |
| • Маориф | 72387,0 | 15673,0 | 11761,0 | 9940,0 | 15011,0 | 20002,0 |
| • Ҳифзи иҷтимоӣ | 2423,2 | 411,0 | 450,5 | 476,2 | 508,4 | 577,1 |
| • Фарҳанг, варзиш ва сайёҳӣ | 76286,7 | 10060,0 | 6740,0 | 10500,0 | 25204,7 | 23782,0 |
| Инфрасохтор | 1093473,0 | 46088,0 | 478128,0 | 493667,0 | 42251,0 | 33339,0 |
| • Таъминот бо оби нӯшокӣ | 48045,0 | 7901,0 | 7539,0 | 17116,0 | 9451,0 | 6038,0 |
| • Таъминот бо барқ | 1015303,0 | 30030,0 | 466060,0 | 470352,0 | 26942,0 | 21919,0 |
| • Соҳаи роҳҳо | 14813,0 | 2465,0 | 2072,0 | 3509,0 | 3425,0 | 3342,0 |
| • хизматрасонии манзилию рифоҳӣ | 15312,0 | 5692,0 | 2457,0 | 2690,0 | 2433,0 | 2040,0 |
| • Таъминоти захиравӣ | 16413,0 | 1159,0 | 8101,0 | 7151,0 | 1,0 | 1,0 |
| Бехатарии муҳити зист ва ҳолатҳои фавқулодда | 23356,0 | 4060,0 | 2920,0 | 1880,0 | 5978,0 | 8518,0 |
| Бехатарии муҳити зист | 15380,0 | 2300,0 | 1420,0 | 1220,0 | 5220,0 | 5220,0 |
| Ҳолатҳои фавқулодда | 7976,0 | 1760,0 | 1500,0 | 660,0 | 758,0 | 3298,0 |
| Ҳамагӣ барнома | 1480573,8 | 104984,4 | 543979,9 | 570247,2 | 139139,1 | 123023,1 |

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки лоиҳаҳои Барнома аз ҳисоби маблағҳои буҷети ҷумҳуриявӣ (11,5%), буҷети маҳалливу маблағҳои худӣ ва маблағҳои хусусии соҳибкорони шаҳри Исфара (14,6%), буҷети вилоятӣ (1,4%) ва сармояи хориҷӣ (72,5%) амалӣ хоҳанд шуд.

*Ҷадвали №2. Маблаггузории Барномаи Рушд аз рӯи манбаъҳои маблаггузорӣ*

*(ҳаз. сомонӣ)*

| Манбаъҳо | Ҳамагӣ | % аз арзиши умумӣ | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ: | 1480573,8 | 100 | 104984,4 | 543179,9 | 570247,2 | 139139,1 | 123023,1 |
| Буҷети маҳаллӣ | 23312,1 | 1,6 | 2459,4 | 3495,6 | 4253,4 | 6293,5 | 6810,2 |
| Маблағҳои хусусии соҳибкорон | 46937,2 | 3,2 | 12543,7 | 6761,7 | 7120,7 | 10261,0 | 10250,0 |
| Маблағҳои худӣ | 145539,0 | 9,8 | 49298,0 | 25159,0 | 25815,0 | 27624,0 | 17643,0 |
| Буҷети вилоятӣ | 21160,3 | 1,4 | 850,0 | 560,0 | 6076,3 | 6150,0 | 7524,0 |
| Буҷети ҷумҳуриявӣ | 170274,0 | 11,5 | 10504,1 | 22007,6 | 34030,8 | 51885,6 | 51845,9 |
| Манбаҳои хориҷӣ | 1073351,2 | 72,5 | 29329,2 | 485196,0 | 492951,0 | 36925,0 | 28950,0 |

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар оғози соли татбиқи Барнома аз ҳамаи манбаъҳо зиёда аз 105,0 млн. сомонӣ равона карда мешавад. Маблағҳо бештар ба солҳои 2014-2015 рост меоянд, ки асосан аз ҳисоби ҷалби сармояи хориҷӣ сурат гирифта, ба бунёди нерӯгоҳи барқи ҳароратии «Шӯроб-300 мегаватт» иртиботи бевосита доранд.

# 1. ҲОЛАТИ УМУМӢ ВА
# ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ ВОҚЕИИ ШАҲРИ ИСФАРА

**<u>Сохтори маъмурию ҳудудии шаҳри Исфара</u>**

Исфара дар шимолу шарқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қисми ҷанубу шарқии вилояти Суғд воқеъ буда, аз шимол бо Ҷумҳурии Ӯзбекистон (64 км) ва аз ҷанубу шарқ бо Ҷумҳурии Қирғизистон (236км) ҳамсарҳад мебошад. Майдони умумии шаҳру деҳоти Исфара 835,9 км.кв.-ро ташкил медиҳад.

*Расми 1. Харитаи сохтори маъмурию ҳудудии шаҳри Исфара*




Исфара аз 9 ҷамоати деҳот - Ворух, Сурх, Чоркӯҳ, Шаҳрак, Навгилем, Кӯлканд, Чилгазӣ, Лаккон ва Хонобод, ҷамоатҳои шаҳраки Нурафшон, Нефтобод ва Шӯроб иборат буда, 34 деҳаву шаҳракҳои аҳолинишин ва маркази шаҳрро дар бар мегирад.

Исфара 31 январи соли 1927 ҳамчун ноҳия ташкил шуд. Шаҳри Исфара барҳақ гӯшаи афсонавии Тоҷикистон маҳсуб меёбад. Захираи канданиҳои фоиданок, иқлими мусоид, мардуми меҳнатдӯсту заҳматқарин сабаб гардиданд, ки Исфара дар солҳои ҳаштодуми қарни гузашта ба диёри дорои нерӯи бузурги иқтисодӣ табдил ёфт. Бештар аз сад сол пеш дар конҳои Шӯроб ва Селроҳа истихроҷи саноатии ангишт ва коркарди нафт ба роҳ монда шуд. Дар баробари саноати сӯзишворӣ, ҳамчунин корхонаҳои азими гидрометалургӣ, кимёвӣ, электротехникӣ (асбобҳои рӯшноидеҳ), комбинати консервабарорӣ, комбинати масолеҳи бинокорӣ низ рушд ёфтанд.

Шароити иқлимию табиӣ ва захираҳо. Исфара дар нишебиҳои шимолии қаторкӯҳҳои Туркистон ва Олой ҷойгир шудааст. Сатҳи паҳнӣ - ноҳамвори теппадор, аз шимол ба ҷануб аз 600м то 3200 м тадриҷан баланд шуда, маркази шаҳр дар баландии 830-860 м аз сатҳи баҳр ҷойгир мебошад. Миқдори миёнаи солонаи нурафшонии офтоб-6250 кҷ.м.кв. буда, ҳарорати миёнаи солонаи ҳаво 13,6 $^{0}$С аст. Ҳарорати миёнаи ҳаво дар моҳи июл 27,7 $^{0}$С буда, дар моҳи январ -0,6 $^{0}$С мебошад. Миқдори солонаи боришот дар хамии Исфара - Лаккон 80-90 мм-ро ташкил дода, дар қисмати ҷанубии шаҳр 400-600 мм-ро ташкил медиҳад.

Шаҳри Исфара аз захираҳои табиӣ бой аст. Дар қаламрави шаҳр ангиштсанг, озокерит, фосфоритҳо, ашёи рангҳои молиданӣ, санги мармар, санги хоро, маводи сохтмонӣ (санг, хок, шағал, рег), оҳаксанг, хоки кӯлолӣ, нафт, газ, дигар канданиҳои фоиданок ва чашмаи обҳои мусаффои маъдании шифобахш мавҷуд аст. Мувофиқи маълумоти расмӣ дар кони ангишти Шӯроб захираҳои саноатии ангиштсанг дар ҳаҷми 28 млн. тонна муайян карда шудааст.

Ҳолати демографии шаҳр. Ба ҳолати 1 январи соли 2012 аҳолии шаҳру деҳоти Исфара 237,1 ҳазор нафар ё 10,3 фоизи аҳолии вилояти Суғдро ташкил медиҳад. Аз шумораи умумии аҳолӣ 118,3 ҳазор нафар мард (49,9%) ва 118,7 ҳазор нафар зан (50,1%) аст. Суръати афзоиши солонаи аҳолӣ 1,7% буда, зичии он - 283,6 нафарро дар 1 км$^2$ ташкил медиҳад. Аз шумораи умумии аҳолӣ 22,1% ё 52,4 ҳазор нафар дар маркази шаҳру шаҳракҳо ва 77,9% дар деҳот ё 184,6 ҳазор нафар зиндагӣ мекунанд.

*Ҷадвали №2. Шумораи хоҷагиҳо ва аҳолии шаҳр аз рӯи деҳаҳо*

| Номи шаҳраку деҳаҳо | шумораи хоҷагиҳо | ҳамагӣ аҳолӣ | аз онҳо | |
|---|---|---|---|---|
| | | | мард | зан |
| Маркази ш.Исфара | 8986 | 43836 | 21874 | 21962 |
| шаҳраки Шуроб | 680 | 2970 | 1482 | 1488 |
| шаҳраки Нефтобод | 913 | 4030 | 2011 | 2019 |
| шаҳраки Нурафшон | 412 | 1590 | 793 | 797 |
| Ҷамъ: | 10991 | 52426 | 26161 | 26265 |
| Ҷамоати Ворух | 5572 | 28804 | 14373 | 14431 |
| Ҷамоати Навгилем | 6537 | 35829 | 17879 | 17950 |
| Ҷамоати Кулканд | 4622 | 21782 | 10869 | 10913 |
| Ҷамоати Хонобод | 2323 | 11476 | 5727 | 5749 |
| Ҷамоати Сурх | 2886 | 13474 | 6724 | 6750 |
| Ҷамоати Чилгазӣ | 3145 | 15030 | 7500 | 7530 |
| Ҷамоати Чоркӯҳ | 6549 | 35476 | 17703 | 17773 |
| Ҷамоати Шахрак | 2950 | 15624 | 7796 | 7828 |
| Ҷамоати Лаккон | 1450 | 7150 | 3568 | 3582 |
| Ҷамъи ҷамоатҳо | 36034 | 184645 | 92138 | 92507 |
| Ҳамагӣ дар Исфара: | 47025 | 237071 | 118298 | 118773 |

Тайи солҳои 2001- 2011 аҳолии шаҳру деҳоти Исфара ба 34,3 ҳазор нафар, ё ки 17,2% афзудааст. Соли 2011 коэффитсиенти умумии таваллуд (ба ҳисоби 1000 нафар аҳолӣ) 25,7-ро ташкил дод.

Дар сохтори синусолии аҳолии шаҳру деҳоти Исфара соли 2010 ноболиғони то 16 сола (кӯдакон) 32,8%, синни 16-64 сола 51,2 % ва дар синни аз 65 боло 16 % ро ташкил медиҳад.

*Ҷадвали №3. Қиёси сину солии аҳолии ш. Исфара, нафар*

| Нишондиҳандҳо | Шумораи умумӣ (ба 01/01/2011) | | | |
|---|---|---|---|---|
| | 2008 | 2009 | 2010 | 2011 |
| Аҳолӣ | 226501 | 231402 | 233069 | 237071 |
| Кӯдакони то синни 14 сола | 61382 | 62710 | 63162 | 64207 |
| Гурӯҳи миёнасолон (15-62 (57 барои занон) сола) | 145413 | 148560 | 149630 | 152342 |
| Гурӯҳи калонсолон (63 (58 сола) ва боло) | 19706 | 20132 | 20277 | 20522 |
| Аҳолии қобили меҳнат | 145413 | 147208 | 149630 | 152342 |
| Аҳолии ба кор машғулбуда дар ташкилоту корхонаҳо | 20754 | 20171 | 191144 | 18425 |

*Ҷадвали 4. Дурнамои афзоиши аҳолӣ барои солҳои 2013-2015*

| Нишондиҳандаҳо | с.2011 ҳисобот | с.2012 баҳодиҳӣ | Параметрҳои дурнамо | | | с.2015 бо % нисбати с.2011 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | с.2013 | с.2014 | с.2015 | |
| Шумораи аҳолӣ ба ҳисоби миёнаи солона (ҳазор нафар) – ҳамагӣ | 234,7 | 237,6 | 241,0 | 244,4 | 247,8 | 105,6 |
| аз он ҷумла: | | | | | | |
| шаҳрӣ | 43,2 | 43,5 | 43,9 | 44,3 | 44,8 | 103,6 |
| деҳотӣ | 191,5 | 194,2 | 197,1 | 200,1 | 203,1 | 106,0 |

Мутобиқи нишондиҳандаҳои дурнамои рушди иқтисодиву иҷтимоӣ пешбинӣ шудааст, ки то соли 2015 аҳолии ш.Исфара нисбат ба нишондиҳандаҳои соли 2011 ба 5,6% ва мутаносибан дар соли 2017 ба 9,2% меафзояд.

Аҳолии шаҳру деҳоти Исфара аз тоҷикон (84,4%), ӯзбекон (10,9%), қирғизҳо (3,2%), русҳо (0,7%) ва дигар халқу миллатҳо ташаккул ёфтааст.

| **Тарафҳои қавӣ** | **Тарафҳои заиф** |
|---|---|
| ✓ Мавҷуд будани захираҳои меҳнатии озод ва мутахассисони баландихтисос дар шаҳр;<br>✓ Мавҷуд будани корхонаҳои калони саноатӣ ва корхонаҳои хурду миёна;<br>✓ Мавҷуд будани шароити мусоид барои рушди соҳибкории хурду миёна (мавҷудияти бонкҳо ва ташкилотҳои қарздиҳандаи хурд);<br>✓ Дастрас будани инфрасохтори аввалиндараҷа;<br>✓ Мавҷуд будани шабакаи нақлиёти роҳи оҳан ва фурудгоҳ;<br>✓ Мавҷуд будани захираҳои табиӣ (ангиштсанг, нафт, газ, санги мармар, маводи сохтмонӣ, оҳаксанг, хоки кӯлолӣ, қуму шағал, фосфорит);<br>✓ Мавҷуд будани дарё барои рушди соҳаи барқтаъминкунӣ (НОБ);<br>✓ Мавҷуд будани осоишгоҳҳои табобатӣ (Зумрад, Шаҳноза, Насими дарё);<br>✓ Шароити хуби иқлимӣ барои парвариши кулли зироатҳои кишоварзӣ;<br>✓ Истифодаи таҷрибаи пешқадами боғпарварӣ ва сабзавоткории кишоварзони шаҳр барои дигар манотиқи кишвар;<br>✓ Мавҷуд будани заминҳои бекорхобида дар мавзеи Моҳпарӣ (5000 га);<br>✓ Мавҷудияти ташкилотҳои ғайриҷамъиятии фаъол дар шаҳр. | ✓ Нокифоягии ҷойҳои кори доимӣ ва паст будани музди меҳнат;<br>✓ Аз ҳудуди шаҳр берун рафтани кадрҳои баландихтисос;<br>✓ Бо иқтидори пурра фаъолият накардани корхонаҳои саноатӣ ва кӯҳнаю фарсуда гардидани таҷҳизоту техникаҳои онҳо;<br>✓ Корношоям будани таҷҳизоту техникаҳо дар хоҷагиҳои кишоварзӣ;<br>✓ Пурра коркард нашудани ашёи хоми маҳаллӣ;<br>✓ Фарсуда ва корношоям шудани пойгоҳҳои обкашӣ ва дастрас набудани оби полезӣ;<br>✓ Дастрасии пурра надоштан ба оби тозаи нӯшокӣ;<br>✓ Дастрас набудани тухмии баландсифат барои парвариши зироатҳо ва сари вакт истифода набурдани нуриҳои минералӣ;<br>✓ Дарёфт нашудани маблағ барои бунёди нерӯгоҳҳои хурд;<br>✓ Таъмирталаб будани роҳҳои маҳаллӣ, шабакаҳои об ва барқтаъминкунӣ;<br>✓ Баланд будани фоизи қарзи бонкӣ;<br>✓ Сатҳи пасти ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ барои рушди иқтисодиёти шаҳр;<br>✓ Нокифоягии базаи худии хӯроки чорво;<br>✓ Паст будани сатҳи фаъолияти хадамоти бойторӣ ва норасоии бойторон дар ҷамоатҳои деҳот;<br>✓ Мавҷудияти қарзҳои калони хоҷагиҳои кишоварзӣ аз хизматрасонии хоҷагии об;<br>✓ Заминаи нокифояи моддию техникии муассисаҳои иҷтимоӣ. |

| Имкониятҳо | Хатарҳо |
|---|---|
| ✓ Таъсиси минтақаи озоди саноатӣ - инноватсионӣ дар ш. Исфара;<br>✓ Мавҷуд будани барномаҳои соҳавӣ дар сатҳи миллӣ;<br>✓ Бунёди хати оби худҷории Сурх-Моҳпарӣ ва обёрӣ намудани заминҳои бекорхобида дар мавзеи Моҳпарӣ;<br>✓ Таъсис додани бозори наздисарҳадӣ;<br>✓ Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии вилоят барои солҳои 2005-2015;<br>✓ Қабули Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳр дар сатҳи миллӣ. | ✓ Ба вуҷуд омадани офатҳои табиӣ (сел, жола, обхезӣ, заминларза, боронгарии зиёд ва яку якбора сардшавии ҳаво);<br>✓ Баланд шудани нархи сӯзишворӣ ва тарифҳои хадамотӣ;<br>✓ Обхезии дарёи Исфара ва шусташавии заминҳои назди соҳил;<br>✓ Паҳн шудани ҳашаротҳои зараррасон ва дигар касалиҳо;<br>✓ Бӯҳрони молиявию иқтисодӣ;<br>✓ Боло рафтани сатҳи таваррум ва беқурбшавии асъор;<br>✓ Муҳоҷирати кадрҳои баландихтисос ва қувваҳои корӣ ба хориҷа;<br>✓ Низоъҳои наздисарҳадӣ;<br>✓ Низомҳои гуногуни маҳдудкунанда (санксияҳо) аз ҷониби кишварҳои ҳамсоя. |

# 2. ИҚТИСОДИЁТ

## 2.1 Соҳаи саноат

Дар ҳалли масъалаҳои зиёди иҷтимоӣ ва иқтисодии Исфара ҷойи намоёнро соҳаи саноат ишғол намуда, аз фаъолияти мураттаби он пешрафти кулли иқтисодиёти шаҳр вобастагии калон дорад. Аз рӯи маълумоти расмии оморӣ дар шаҳри Исфара 20 корхонаи саноатӣ фаъолият дорад, ки зиёда аз 40% қисми воридотии буҷети маҳаллиро таъмин менамоянд. Дар корхонаҳои саноатӣ 3084 нафар аҳолии маҳаллӣ фаъолият дошта, 3,2 фоизи аҳолии қобили меҳнатро ташкил медиҳад.

Корхонаҳои саноатии шаҳр 4,8 фоизи маҳсулоти саноатии вилоят ва 1,4 фоизи маҳсулоти саноатии кишварро истеҳсол мекунанд.

*Диаграммаи №1. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар шаҳри Исфара тӯли солҳои 2006-2011 (млн. сомонӣ)*




Ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ таи панҷ соли охир 2 маротиба афзоиш ёфтааст. Сабаби болоравии ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ин ба фаъолият даровардани корхонаҳо ва иқтидорҳои нави истеҳсолӣ аст.

*Диаграммаи №2. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ аз рӯи тақсимот ба бахшҳо (ҳазор сомонӣ)*



Воқеан, аз маҳсулоти саноатӣ 63,2 фоиз дар корхонаҳои калони саноатӣ ва 36,8 фоиз дар корхонаҳои хусусии хурд истеҳсол шудааст.

*Ҷадвали №1. Ҳолати корхонаҳои саноатӣ дар шаҳр ба 01.01.2012*

| № | Номгӯи корхонаҳо | Шакли фаъолият ва ё маҳсулоти истеҳсолшаванда | Иқтидори лоиҳавӣ/ солона | Иқтидори ҳозира/ солона | Ҳолати техникӣ | Истифодабарандагони маҳсулот |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | ҶС «Ангишт» | истихроҷи ангишт | 600 ҳаз.тн | 32 ҳаз. тн | фарсуда | бозори дохилӣ |
| 2 | ҶМММ «Петролеум –Суғд» | истихроҷи нафту газ | 70 ҳаз. тн | 14 ҳаз.тн | фарсуда | бозори дохилӣ |
| 3 | ҶС «Чароғ» | лампаҳо ва таҷҳизоти барқӣ | 1 млн. дона | 100 ҳаз. дона | нав | бозори дохилӣ |
| 4 | ҶС «Комбинати консервабарорӣ» | консерваи меваю сабзавот | 58 млн. қуттии шартӣ | 15 млн қуттии шартӣ | фарсуда | Россия ва бозори дохилӣ |
| 5 | ҶС «Заводи равғанбарорӣ» | маҳсулоти ширӣ | 5 тн дар як ш/р | 1 тн дар як ш/р | фарсуда | бозори дохилӣ |
| 6 | ҶС «Маснуоти оҳану бетон» | маснуоти оҳану бетон | 40 ҳаз $м^3$ | 2 ҳаз $м^3$ | фарсуда | бозори дохилӣ |
| 7 | ҶС «Филиз» | зарфҳои алюминӣ | 20 ҳаз дона | 4200 дона | фарсуда | бозори дохилӣ |
| 8 | ҶС «Заводи спиртбарорӣ» | спирти этилӣ | 300 ҳаз. дал | 300 ҳаз. дал | фарсуда | бозори дохилӣ |
| 9 | ҶС «Нилуфар» | масолеҳи бинокорӣ ва маҳсулоти кулолгарӣ | 30000 тн | 6600 тн | фарсуда | бозори дохилӣ |
| 10 | ҶС «Нони Исфара» | Маҳсулоти қаннодӣ ва нон | 10 тн дар як ш/р | 10 тн | фарсуда | бозори дохилӣ |
| 11 | Матбаа | маводи чопӣ | 2 млн дона | 100 ҳаз. дона | фарсуда | бозори дохилӣ |
| 12 | ҶС «Заводи Консервабарории З.Ҳасанов» | меваю сабзавот | 15 млн қуттии шартӣ | 12 млн қуттии шартӣ | фарсуда | бозори дохилӣ |
| 13 | ҶС «Исфара-текстил» | матоъҳои нобофта | 300 ҳазор м/т | 30 ҳазор м/т | фарсуда | бозори дохилӣ |
| 14 | ҶС «Комбинати масолеҳи бинокорӣ» | хишти пухта | 9 млн. дона | 7 млн. дона | фарсуда, коршоям | бозори дохилӣ |
| 15 | ҶС «Шараф» | спирти этилӣ | 300 ҳаз. дал | 3 ҳаз. дал | фарсуда | бозори дохилӣ |
| 16 | ҶС «Заводи сементбарорӣ» | истеҳсоли семент | 70 ҳаз тн дар як сол | 20 ҳаз тн дар як сол | нав | бозори дохилӣ |
| 17 | ҶС «Химзавод» | кимиёвӣ | реҷавӣ | 6% | коршоям | бозори дохилӣ ва хориҷӣ |
| 18 | ҶС «Тамохуш» | металлургӣ | реҷавӣ | 2% | коршоям | Россия ва Эрон |
| 19 | Корхонаи ҷамъияти нобиноён | маҳсулоти дӯзандагӣ | 300 ҳ.с. | 30,7 ҳ.с. | фарсуда | бозори дохилӣ |
| 20 | ҶСП «ДОЗ» | дару тиреза | 10 ҳаз. $м^2$ | 82,7$м^2$ | фарсуда | бозори дохилӣ |

Таҳлил нишон медиҳад, ки аз 20 корхонаи саноатӣ 80 фоизи онҳо бо таҷҳизоти кӯҳна ва фарсуда фаъолият доранд. Шумораи корхонаҳои саноатӣ дар қиёс ба дигар ноҳияҳои вилоят зиёд шуда бошад ҳам, вале на ҳамаи онҳо бо иқтидори пурра фаъолият доранд. Сабаби ин набудани технологияи нав, кӯҳнаю фарсуда гардидани технологияи мавҷуда дар қиёс ба технологияи пешрафта, зиёд шудани хароҷоти иқтисодӣ ва паст шудани фоидаи иқтисодии корхонаҳо аст.

Таҳлил нишон медиҳад, ки афзоиши ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ аз ҳисоби болоравии нарх буда, дар аксари корхонаҳо истеҳсоли маҳсулот дар шакли аслӣ коҳиш ёфтааст.

*Ҷадвали №.2. Истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар корхонаҳои шаҳри Исфара тӯли солҳои 2006 – 2011 (ҳазор сомонӣ, бо нархҳои муқоисавӣ)*

| № | Номи корхона | 2006 | 2007 | 2008 | 2009 | 2010 | 2011 | 2011 дар қиёс ба 2006 бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | ҶС Химзавод | 14087,6 | 7192,8 | 13227,7 | 15956,1 | 16670,1 | 18687,6 | 132,6 |
| 2 | ҶС Тамохуш | 3401,0 | 4074,5 | 4359,7 | 2825,5 | 2744,1 | 3110,7 | 91,5 |
| 3 | ҶС Ангишт | 1364,1 | 1932,7 | 3313,3 | 3733,2 | 3771,2 | 4618,7 | 3,4 мар |
| 4 | ҶМММ Петролеум –Суғд | 6711,5 | 8827,0 | 12174,6 | 12120,2 | 14496,7 | 17115,5 | 2,5 мар |
| 5 | ҶС Чароғ | 247,7 | 285,3 | 425,5 | 530,1 | 718,1 | 728 | 2,9 мар |
| 6 | ҶС Комбинати Консерваба-рорӣ | 2440,0 | 973,4 | 3764,3 | 3937,8 | 1307,7 | 2134,8 | 87,5 |
| 7 | ҶС Заводи Равғанбарорӣ | 253,7 | 313,0 | 371,2 | 305,9 | 614,1 | 511 | 2,0 мар |
| 8 | ҶС Маснуоти оҳану бетон | 205,2 | 193,5 | 207,7 | 243,4 | 4,4 | 0 | - |
| 9 | ҶС Филиз | 127,0 | 74,8 | 77,4 | 19,9 | 83,0 | 95,4 | 75,1 |
| 10 | ҶС Заводи спиртбарорӣ | 419,8 | 616,3 | 339,1 | 429,7 | 353,3 | 36,2 | 8,6 |
| 11 | ҶС Нилуфар | 100,1 | 108,8 | 136,5 | 163,8 | 174,7 | 203 | 2,0 мар |
| 12 | ҶС Нони Исфара | 372,0 | 402,6 | 756,7 | 786,7 | 774,3 | 856,8 | 2,3 мар |
| 13 | Матбаа | 22,0 | 26,9 | 39,2 | 52,1 | 52,6 | 42,8 | 1,9 м |
| 14 | ҶС Заводи консервабарории З.Ҳасанов | 3445,8 | 4283,9 | 4385,2 | 5553,2 | 1649,4 | 1064,7 | 30,9 |
| 15 | ҶС Исфаратекс-тил | 269,6 | 280,4 | 68,7 | 46,4 | 85,6 | 16 | 5,9 |
| 16 | ҶС Комбинати масолеҳи бинокорӣ | 3479,0 | 4868,5 | 7780,9 | 5815,6 | 6318,7 | 8808,4 | 2,5 м |
| 17 | ҶС Заводи коркарди чӯб | 61,8 | 639,2 | 53,8 | 43,7 | 1339,7 | 422,2 | 8,4 м |
| 18 | Корхонаи ҷамъияти нобино-ён | 19,0 | 20,5 | 20,2 | 22,9 | 18,1 | 30,7 | 1,6 м |
| 19 | ҶС Шараф | 219,1 | 487,7 | 56,7 | 80,1 | 67,4 | 32,4 | 14,8 |
| 20 | ҶС Заводи сементбарорӣ | 1857,4 | 0,0 | 958,5 | 0,0 | 7529,0 | 9513,3 | 5,1 м |
| 21 | Бахши корхонаҳои хусусии хурд | 12766,3 | 16408,4 | 22749,5 | 30159,0 | 31271,3 | 39616,6 | 3,1 м |
| | Ҳамагӣ: | 51869,7 | 52010,2 | 75266,4 | 82825,3 | 90043,5 | 107644,8 | 2,0 м |

Коҳишёбии маҳсулоти саноатӣ аз ҳисоби баланд гардидани арзиши ашёи хом, болоравии тарифҳои барқ, маводи сӯзишворӣ ва дигар омилҳои берунию дохилӣ ба вуҷуд омадааст. Дар баъзе корхонаҳои калони саноатии шаҳр ашёи хом аз дигар кишварҳо ворид карда мешавад, ки ин арзиши аслии маҳсулотро зиёд мекунад ва боиси дар бозор ба фурӯш нарафтани маҳсулот мегардад.

Болоравии ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ асосан аз ҳисоби ба иқтидори пурра кор кардани коргоҳҳои сементбарорӣ, кофтани чоҳҳои нав ва таъмиру таҷдиди чоҳҳои амалкунандаи газу нефт, ворид намудани технологияҳои нав, таъсис додани корхонаҳои хурду миёна дар бахши хусусӣ (30 адад), бунёди нерӯгоҳҳои хурди барқӣ ва нерӯгоҳи барқи аловӣ пешбинӣ шудааст.

*Ҷадвали №4. Нишондиҳандаҳои нақшаи дурнамои истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ аз рӯи корхонаҳои асосии ҳудуди шаҳр дар тӯли солҳои 2012 - 2017*

| № | Нишондиҳандаҳо | Воҳиди ченак | Солҳо | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 |
| 1 | ҶМММ Петролеум-Суғд | | | | | | | |
| | Нафт | тонна | 14000 | 14840 | 15000 | 15300 | 16000 | 16371 |
| | Гази табиӣ | ҳазор м$^3$ | 6300 | 6670 | 6800 | 6930 | 7150 | 7500 |
| 2 | ҶС Ангишт | | | | | | | |
| | Истеҳсоли ангишт | ҳазор тонна | 34,2 | 36,6 | 39,2 | 41,9 | 45,0 | 50 |
| 3 | ҶС Чароғ | | | | | | | |
| | лампаҳои каммасраф | ҳазор дона | 125 | 144 | 161 | 200 | 210 | 220 |
| 4 | ҶС Нилуфар | | | | | | | |
| | Калсит | тонна | 500 | 550 | 600 | 660 | 680 | 700 |
| | Оҳак | тонна | 100 | 120 | 130 | 145 | 150 | 175 |
| | Шишаи моеъ | тонна | -- | -- | -- | -- | | |
| | Маҳсулоти кулолгарӣ | ҳаз. сомонӣ | 24 | 26 | 29 | 32 | 35 | 40 |
| | Плиткаи сафолӣ | м$^2$ | 550 | 600 | 110 | 730 | 750 | 800 |
| | Ранги молиданӣ | тонна | 2,5 | 5 | 6 | 7 | 7,5 | 8 |
| | Блоки сементӣ | ҳаз.дона | 10 | 12 | 15 | 18 | 19 | 20 |
| 5 | ҶДММ Комбинати консерва-барорӣ | | | | | | | |
| | Истеҳсоли консерва, ҳамагӣ | ҳаз.қут-тии шартӣ | 5000 | 5500 | 6000 | 6600 | 6800 | 7000 |
| 6 | ҶДММ Заводи равғанбарорӣ | | | | | | | |
| | Равған | тонна | 5,6 | 6,4 | 6,8 | 7,4 | 7,5 | 8 |
| | Маҳсулоти ширӣ | тонна | 61,6 | 70,8 | 75,5 | 82,3 | 83,0 | 85 |
| | Маҳсулоти беравған | тонна | 18 | 20,7 | 22,1 | 24,1 | 24,5 | 25 |
| | Маҳсулоти туруш | тонна | 62 | 71,3 | 76,1 | 83 | 84 | 85 |
| | Сметана | тонна | 26 | 30 | 32 | 35 | 36 | 37,5 |
| | Қаймоқ | тонна | 4 | 4,6 | 4,9 | 5,3 | 5,4 | 5,5 |
| | Панири голландӣ | тонна | 0,9 | 1 | 1,1 | 1,2 | 1,3 | 1,5 |
| 7 | ҶС Нони Исфара | | | | | | | |
| | Маҳсулоти нонӣ | тонна | 308 | 318 | 334 | 350 | 360 | 400 |
| 8 | ҶС Заводи консерва-барории З.Ҳасанов | | | | | | | |
| | Истеҳсоли консерва | ҳаз.қут.шартӣ | 3000 | 3100 | 3210 | 3350 | 3400 | 3500 |
| 9 | ҶС Заводи спиртбарорӣ | | | | | | | |
| | Спирти этилӣ | ҳаз.дал. | 14,8 | 15,6 | 17,4 | 18,5 | 19,0 | 20 |
| | ЭАФ | ҳаз.дал. | 0,5 | 0,52 | 0,58 | 0,62 | 0,68 | 0,72 |
| | Барда | тонна | 1950 | 2030 | 2260 | 2405 | 2500 | 2620 |
| 10 | ҶС Заводи коркарди чӯб | | | | | | | |
| | Чӯбу тахта | м$^2$ | 541 | 556 | 565 | 580 | 585 | 605 |
| 11 | ҶС КМБИ | | | | | | | |
| | Хишт | ҳаз.донаи шартӣ | 7000 | 7050 | 7100 | 7200 | 7300 | 7500 |
| | Гач, ҳаз.тн | ҳаз.тн | 8800 | 8900 | 9000 | 9100 | 9150 | 9200 |
| | Семент | тонна | 8000 | 10000 | 12000 | 13500 | 13700 | 14000 |
| 12 | ҶДММ МОБ | | | | | | | |
| | Маҳсулоти оҳану бе-тон | | | | | | | |
| 13 | ҶС Заводи сементба-рории Б.Самадов | | | | | | | |
| | Семент М-300 | тонна | 23000 | 26540 | 30946 | 35520 | 38300 | 40000 |
| 14 | ҶС Исфаратекстил | | | | | | | |
| | Пахтаи дӯзандагӣ | тонна | 23000 | 26540 | 30946 | 35520 | 38300 | 40000 |
| 15 | ҶС «Филиз» | | | | | | | |
| | Асбобҳои рехтагарӣ | тонна | 11,3 | 11,5 | 12,1 | 12,7 | 13,0 | 13,2 |

*Диаграммаи №4. Дурнамои истихроҷи нафту газ дар ҷамъияти муштараки масъулияташ маҳдуди «Петролеум-Суғд» тӯли солҳои 2012 -2017*




**2.2. Соҳаи соҳибкории хурду миёна**

**<u>Таҳлили ҳолати мавҷуда</u>**. Соҳибкории хурду миёна (СХМ) дар рушди иқтисодиёти шаҳр нақши калон мебозад. Мувофиқи маълумоти расмӣ 3030 субъекти соҳибкорӣ ба қайд гирифта шуда, аз он 1924 нафар тавассути патент ва 1065 нафар бо шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ фаъолият мекунанд.

*Диаграммаи №1. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот ва хизматрасонии СХМ (млн. сомонӣ)*




Дар шаҳр фаъолияти соҳибкории хурду миёна афзоиш ёфта, қисми зиёди соҳибкорон ба тиҷорат ва хӯроки умумӣ машғул мебошанд, ки 39,4 фоизи соҳибкоронро ташкил медиҳанд. Дар соҳаҳои кишоварзӣ, сохтмон, иҷтимоӣ, хизматрасонии маишӣ ва дигар соҳаҳо низ саҳми соҳибкорон зиёд шудааст.

*Диаграммаи №2. Ҳаҷми умумии маҳсулот ва хизматрасонии СХМ аз рӯи бахшҳо дар соли 2011*




Маълумоти расмӣ нишон медиҳад, ки 35 фоизи даромади буҷети шаҳр аз ҳисоби соҳибкорон мебошад. Ҷиҳати ғанӣ гардонидани буҷет шароити мусоиди инвеститсионӣ дар шаҳр ташкил намуда, шумораи соҳибкорони ба истеҳсоли мол машғулбударо зиёд намудан лозим аст (шумораи соҳибкорон ба соҳаи истеҳсолот зиёд шуда истодааст).




Мувофиқи натиҷаи пурсише, ки соли 2011 аз ҷониби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳр дар байни 478 соҳибкорони соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти шаҳр гузаронида шуд, маълум гардид, ки шароити соҳибкорӣ руй ба беҳбудӣ ниҳодааст.

**2.3. Соҳаи кишоварзӣ**

Соҳаи кишоварзӣ дар қатори дигар соҳаҳои афзалиятноки шаҳр дар пешбурди иқтисодиёт нақши арзанда дорад. Кишоварзӣ соҳаи қадимаи аҷдодӣ буда, пешрафти истеҳсолоти он омили муҳимтарини таъмини амнияти озуқаворӣ кишвар мебошад.

*Диаграммаи №1. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ таи солҳои 2006 – 2011 (ҳазор сомонӣ)*




*Диаграммаи №2. Дурнамои истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар тӯли солҳои 2012 - 2017 (ҳазор сомонӣ, бо нархҳои муқоисавӣ)*




**Растанипарварӣ.** Растанипарварӣ яке аз соҳаҳои асосии кишоварзии шаҳри Исфара аст. Инкишофи соҳа дар афзоиши даромади хоҷагиҳо нақши калон дорад ва аз ин сабаб ба ин соҳа бештар аҳамият дода мешавад. Солҳои охир хоҷагиҳо кишти картошка, сабзавот ва полезиро васеъ намуда, дар майдони 448 га боғи нав бунёд карда шуд. Соли 2011 ҳиссаи маҳсулоти растанипарварӣ дар ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзӣ 59,3 фоизро ташкил дод.

**Боғу токпарварӣ**. Боғу токпарварӣ соҳаи асосии кишоварзии Исфара ҳисоб ёфта, дар роҳи таъмини амнияти озуқаворӣ, васеъ гардидани иқтидори содиротии шаҳр ва ба ҷои кории доимӣ таъмин намудани аҳолӣ мавқеъи муайянро ишғол менамояд. Обу ҳавои мусоиди минтақа имконият медиҳад, ки майдони боғзор аз ҳисоби навъҳои серҳосил зиёд гардида, қисми зиёди меваҷот ба дигар кишварҳо содирот шавад. Дар ҳамаи сектори хоҷагидорӣ давоми солҳои 2010-2011 аз ҳисоби азнавбарқароркунии боғоти кӯҳна 234 гектар ва аз ҳисоби заминҳои бекорхобида ва барои кишти зироат ноқулай 448 гектар боғи нав бунёд карда шуд.

**Тухмипарварӣ.** Соҳаи тухмипарварӣ дар Исфара баҳри баланд гардонидани ҳосилнокии зироатҳо, махсусан гандум, маккадон, помидор ва картошка заминаи мустаҳкам мегузорад.

Соли 2011 хоҷагиҳои тухмипарвар 350 тонна тухмии хушсифати навъҳои серҳосили гандум захира карда, 200 тоннаи он ба хоҷагиҳои кишоварзии шаҳру вилоят ва 150 тонна ба фонди гардиши тухмии Вазорати кишоварзӣ ба фурӯш бароварда шуд. Дар ин давра захираи картошкаи тухмӣ 100 тоннаро ташкил дод.

**<u>Таъминот бо техникаи кишоварзӣ.</u>** Мушкилии дигари соҳаи кишоварзӣ ин ба таври кофӣ таъмин набудан бо техникаи кишоварзӣ мебошад. Аз замони пошхурии Иттиҳоди Шӯравӣ инҷониб дар хоҷагиҳои кишоварзӣ техникаи ҳозирзамон дохил нашудааст.

Аз ҳисоби техникаи шаҳрвандон, ки ба фаъолияти меҳнатии инфиродӣ машғуланд, қисми корҳои саҳроӣ ба анҷом расонида мешаванд. Фаъолияти ҶС «Агропромтехснаб» низ бо сабабҳои бӯҳрони иқтисодӣ ва гаронии арзиши хизматрасониҳо нокифоя мебошад.

Кӯҳнаю фарсуда будани техникаҳо, нарасидани қисмҳои эҳтиётӣ, равғанҳои молиданӣ ва гаронии нархи онҳо истифодаи самараноки техникаро маҳдуд гардонида, бо баланд шудани арзиши аслии маҳсулот таъсир ва имконияти ба беруни кишвар ба фурӯш баровардани маҳсулоти кишоварзиро маҳдуд менамояд.

*Ҷадвали №1. Ҳолати коршоямии техникаи кишоварзӣ дар хоҷагиҳо (ба ҳолати 1 январи соли 2012)*

| № | Номи техникаю таҷҳизот | Ҳамагӣ | Коршоям | %-и коршоямӣ |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Тракторҳо | 325 | 213 | 65,5 |
| | аз ҷумла, шудгоркунанда | 43 | 27 | 62,7 |
| | чархдор | 282 | 186 | 65,9 |
| 2 | Автомобилҳо | 202 | 120 | 59,4 |
| 3 | Комбайнҳои ғалладарав | 18 | 9 | 50 |
| 4 | Ядакҳои тракторӣ | 187 | 120 | 64,1 |
| 5 | Достҳои тракторӣ | 22 | 20 | 91 |
| 6 | Алафҷамъкунакҳо | 4 | 4 | 100,0 |
| 7 | Тойбандакҳо | 4 | 4 | 100,0 |
| 8 | Тухмипошакҳо | 19 | 14 | 73,6 |
| 9 | Култиваторҳо | 50 | 41 | 82 |
| 10 | Сипорҳои тракторӣ | 59 | 51 | 86,0 |

**<u>Системаи обёрӣ.</u>** Обёрӣ ва беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳо яке аз мушкилии ҷойдоштаи соҳаи кишоварзии шаҳр аст. Ҳалли мушкилоти мазкур метавонад ба болоравии ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва бо кори доимӣ таъмин намудани аҳолӣ мусоидат намояд.

Ҳоло аз 90 адад чоҳҳои амудии мелиоративӣ 64 тоаш бе таҷҳизот ва танҳо 19 адади дигари он коршоям мебошад. Бо сабаби маҳдудияти қувваи барқ онҳо дар як сол танҳо 4 моҳ фаъолият мекунанд.

Дар ҳудуди шаҳр 3132 га заминҳо дар ҳолати бади мелиоративӣ мебошад, ки аз он 2784 гектар заминҳо дар ҳолати ғайриқаноатбахши мелиоративӣ қарор дорад. Аз ин теъдод 1457 гектар замин дар ҳолати сатҳи оби зеризаминиашон баланд, 479 гектар сатҳи шӯрнокиашон баланд ва 808 гектар дар як вақт оби зеризаминӣ ва шӯрнокиашон баланд мебошад.

Воқеан, 19 адад дастгоҳҳои пойгоҳҳои обкашӣ, 75 адад иншооти обгирӣ, 22 адад обченкунакҳо ба таъмиру тармими куллӣ ниёз дошта, васеъ намудани пойгоҳҳои обкашии Моҳпарӣ -1 ва Моҳпарӣ – 2 ва дар ин замина аз худ намудани заминҳои нав дар мавзеи мазкур зарурат дорад. Бо ин мақсад ҷалби маблағҳои зарурӣ аз буҷети ҳамаи сатҳҳо ва созмонҳои байналмилалӣ зарур аст.

Айни замон таввассути пойгоҳҳои обкашии Моҳпарӣ 1 ва 2 наздик 1,6 ҳазор гектар замин бо оби полезӣ таъмин шавад ҳам, бинобар кӯҳна будану нокифоягии иқтидорҳои мавҷуда боз наздик 3 ҳазор га замин дар мавзеи Моҳпарӣ бекорхобида боқӣ монда, зиёда аз ин, бо сабаби торафт зиёд шудани теъдоди садамаҳо ва дар ин замина нокифоягии об, қисме аз боғот хушк шуда истодааст.

Тибқи таҳлилҳои мавҷуда ва бо назардошти торафт баланд шудани арзиши обёрии механикӣ, ба итмом расонидани сохтмони нотамоми хати оби худҷоришавандаи «Сурх-Моҳпарӣ» (дарозиаш 14 км буда, наздик 10% корҳо иҷро шудаанд) ягона роҳи ҳалли мушкилоти таъминот бо оби полезӣ дар мавзеи Моҳпарӣ арзёбӣ карда мешавад.

Дар сурати маблағгузории сохтмони нотамоми хати оби худҷоришавандаи «Сурх-Моҳпарӣ» имконияти азхудкунии 2874 гектар замини нав пайдо шуда, аз рӯи ҳисобҳои пешакӣ дар тӯли 6,4 сол тавассути рӯёнидани зардолу ба ҳисоби миёна 80 сентнер аз ҳар як гектар боғ, хароҷоти он пӯшонида мешавад. Асосноккунииии техникию иқтисодии лоиҳаи мазкур ҳанӯз дар замони Иттиҳоди Шӯравӣ таҳия гардида, мутобиқи он коэффитсиенти самаранокии иқтисодӣ 0,15 ченак, фоидаоварӣ аз маблағгузории асосӣ 15%, фоидаоварӣ аз истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ 120% ва боздеҳии фондҳо 0,28 ченак пешбинӣ шудааст. Дар ҳолати татбиқи лоиҳа ва дар ин замина ташкил намудани хоҷагиҳои деҳқонии инфиродӣ имконияти таъсис додани 8 ҳазор ҷойи нави корӣ пайдо мешавад.

Ҳамзамон, баъд аз татбиқи лоиҳаи сохтмони нотамоми хати оби худҷоришавандаи «Сурх-Моҳпарӣ» 9,4 млн кВт нерӯи барқи дар пойгоҳи обкашии Моҳпарӣ-1 истифодашаванда барои пешбурди истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ва дигар хизматрасониҳо равона карда мешавад, ки ин метавонад барои боздошти хушкшавии қисми боғоти мавҷуда, ғанӣ гардонидани буҷети давлатӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ мусоидат намояд. Инчунин, ба истифода додани иншооти мазкур метавонад ҳолати обтаъминкунии 3680 га боғотро беҳтар ва қитъаи замини наздиҳавлигии 5555 оиларо таъмин намояд.

**Соҳаи чорвопарварӣ.** Чорводорӣ дар баробари дигар соҳаҳо яке аз бахшҳои асосӣ ва афзалятнок буда, вазни қиёсии он дар ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзӣ 40,7 фоизро ташкил медиҳад.

*Ҷадвали №2. Саршумори чорво дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ (сар) дар тӯли солҳои 2000-2011*

| Нишондиҳандаҳо | 2000 | 2001 | 2008 | 2009 | 2010 | 2011 | 2011 нисбати 2000, % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. Чорвои калон | 28147 | 28219 | 35192 | 36032 | 37510 | 37785 | 134,2 |
| 2. Бузу гӯсфанд | 21860 | 22244 | 34893 | 34998 | 35414 | 36188 | 1,6 мар. |
| 3. Мурғ | 30755 | 32517 | 50778 | 51344 | 52360 | 63656 | 2 мар. |
| 4. Асп | 196 | 198 | 588 | 576 | 491 | 491 | 2,5 мар. |

Ҳоло зиёдшавии саршумори чорво, парранда ва истеҳсоли маҳсулоти он асосан аз ҳисоби аҳолӣ ва хоҷагиҳои деҳқонии инфиродӣ сурат гирифтааст. Баланд бардоштани маҳсулнокӣ, кам кардани хароҷот ва истифодаи зотҳои сермаҳсулро талаб менамояд. Инчунин бе ташкили базаи мустаҳками хӯрока зиёд намудану баланд бардоштани маҳсулнокии чорво ғайриимкон мебошад.

Бо мақсади қонеъ гардонидани эҳтиҷоти саноат бо ашёи хом ва зиёд намудани иқтидори содиротии шаҳр, вазъи соҳаи кирмакпарвариро беҳтар намуда, мушкилоти ҷойдоштаи соҳаро бояд бартараф намуд. Миқдори истеҳсоли пилла мувофиқи нақшаи «Барномаи рушди соҳаи кирмакпарварӣ ва коркарди пилла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020» дар шаҳри Исфара то соли 2018 ба 132 тонна расонида мешавад.

**Байторӣ.** Рушди соҳаҳои чорвопарварӣ, паррандапарварӣ, занбӯри асалпарварӣ ва моҳипарварӣ аз хадамоти сифатноки байторӣ ҷиҳати сари вақт пешгирӣ намудани касалиҳои сирояткунанда вобастагӣ дорад.

Маводи биологии пешгирии касалиҳои сирояткунанда: сӯхтанӣ -100%, вабои сум-дард 17%, гули моли майда 10-15%, ҳорӣ-20% ва барои ташхиси касалии сил туберкули-ни ППД-20 % аз ҳисоби маблағҳои эпизоотии ҷумҳурӣ ҷудо карда мешавад.

Масъалаи умдатарин ин ҳифзи ҳудуди шаҳр аз воридшавии ангезаҳои бемориҳои карантинии чорво (аз ҷумла парранда, чорвои мӯинадор, занбӯри асал, моҳӣ ва ғайра) аз ҳудуди вилояти Боткени Ҷумҳурии Қирғизистон мебошад. Аз сабаби набудани

чарогоҳҳои тобистона чорвои аҳолии ҷамоатҳои Ворух, Чоркӯҳ, Сурх, қисман ҷамоатҳои Шаҳрак, Хонобод, Кӯлканд ва Чилгазӣ дар чарогоҳҳои вилояти Боткон якҷоя бо чорвои аҳолии қирғиз аз моҳи май сар карда, то нимаҳои моҳи октябр нигоҳ дошта мешавад, ки ин боиси сироятёбии чорво ва эҳтимолияти пайдоиши касалиҳои сирояткунандаи хавфнок мегардад.

Ҳамзамон, дар ҳудуди шаҳр бемориҳои инвазионӣ, ба монандаи эхинококкоз ва хоришак зиёд ба қайд гирифта шудааст, ки сабаби асосии он набудани чоҳҳои махсуси «Бейккерӣ», набудани иншооти нобудсозии пасмондаҳои намунаҳои ташхиси озмоишгоҳҳо, қассобхонаҳо буда, ба ифлосшавии муҳити зисти шаҳр ва қишлоқҷойҳо оварда истодааст. Зиёд гардидани саршумори гурба ва сагҳои дайду боиси паҳншавии касалии сирояткунандаи ҳорӣ (бешенство) мебошад. Дар шаҳр ва ҷамоатҳо ҷойҳои махсус барои гӯронидан ва сӯзонидани чорво ва ҳайвоноти бемаҳсули (саг ва гурба) нобуд кардашуда мавҷуд нест ва ҷасадҳо дар ҷойҳои ахлотпартоӣ партофта мешаванд, ки муҳити атрофро ифлос намуда, боиси паҳн гаштани касалиҳои сироятӣ мегарданд. Бо мақсади бартараф намудани ин мушкилот, ташкил намудани нуқтаҳои сӯзонидани чорво ва ҷиҳозонидани он бо таҷҳизоти замонавӣ (крематория) аз манфиат холӣ нест. Ғайр аз ин зарурати сохтани нуқтаҳои забҳи чорво ва чоҳҳои Бейккерӣ дар ҷамоатҳои Ворух (1 адад), Чоркӯҳ ва Сурх (1 адад), Навгилем (1 адад) ва Кӯлканд ва Чилгазӣ (1 адад) ба миён омадааст.

Мушкилиҳои соҳа:

- фарсуда ва корношоям гаштани техникаи мавҷуда дар хоҷагиҳои кишоварзӣ, набудани базаи моддию техникӣ ва техникаи ҳозиразамон;
- сари вақт таъмин нагардидани тухмии хушсифат, баланд шудани нархи сӯзишворӣ, нуриҳои минералӣ, заҳрхимикатҳо ва дигар тарифҳои хадамотӣ;
- маҳдуд будани дастрасии хоҷагиҳои фермерӣ ба қарзҳои камфоизу дарозмӯҳлат;
- паст будани сифати хизматрасониҳо ва ҳолати баъди инфрасохтор дар соҳаи кишоварзӣ, бахусус дар системаи таъминот бо оби полезӣ ва роҳҳои маҳаллӣ;
- қарздор будани хоҷагиҳои деҳқонӣ аз хизмати обрасонӣ ва андозҳо;
- риоя накардани қоидаҳои агротехникӣ ва истифода набурдани системаи киштгардон;
- паст шудани ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ;
- зиёд шудани ҳашароти зараррасон, касалиҳои гуногун ва дастрас набудани маводи доруворию заҳрхимикатҳо барои тоза намудани боғҳо;
- таъмин набудан бо ваксинаҳо ва мушкилии хизматрасонии байторӣ дар сатҳи ҷамоатҳо;
- таъмин набудан бо техника ва таҷҳизоти байтории замонавӣ;
- набудани нуқтаҳои қабули пӯсту пашм ва коркарди он;
- набудани ҷойҳои махсуси забҳи чорво ва чоҳҳои махсус барои безараргардонии партовҳои чорво;
- набудани нуқтаҳои бордоркунии сунӣ дар сатҳи ҷамоатҳо;
- таъмирталаб будани шабакаи обтақсимкунӣ;
- нарасидани барқ дар пойгоҳҳои обкашӣ ва чоҳҳои амудӣ;
- бад шудани ҳолати мелиоративии заминҳо;
- таъмирталаб будани сарбанди асосии обгирӣ аз дарёи Исфара ва зарурати барқарор намудани обченкунаки «Тангии Ворух»;
- паст будани музди меҳнат, аз кор рафтани мутахассисони соҳибтаҷриба ва норасоии кадрҳо.

# 3. ИҶТИМОИЁТ

## 3.1. Тандурустӣ

Мақсади соҳаи тандурустии шаҳр дар давраи миёнамӯҳлат мунтазам паст кардани сатҳи фавти модару кӯдак, кам кардани мушкилот вобаста ба бемориҳои сироятӣ, инчунин аз байн бурдани баъзе сироятҳои (инфексияҳои) бо ваксина идорашаванда мебошад.

**Солимии модару кӯдак.** Мувофиқи маълумоти оморӣ соли 2011 шумораи занҳои қобили таваллуд 60801 нафарро ташкил дод.

*Ҷадвали №1. Таваллуд ва фавти модарон дар ш. Исфара дар солҳои 2008-2011*

| № | Нишондиҳандаҳо | 2008 | 2009 | 2010 | 2011 |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Ҳамагӣ таваллуд | 5579 | 6224 | 6594 | 6012 |
| 2 | Таваллуд дар муассисаҳои тиббӣ | 5541 | 6201 | 6571 | 5992 |
| 3 | Фоиз | 99,32 | 99,63 | 99,65 | 99,96 |
| 4 | Таваллуд дар хона | 38 | 23 | 23 | 20 |
| 5 | Фоиз | 0,68 | 0,37 | 0,35 | 0,3 |
| 6 | Фавти модар (ба 100 ҳазор зинда таваллудшуда) | 17,9 | 34,4 | 37,4 | 16,4 |

*Ҷадвали №2. Тамоюлҳои бемории камхунӣ ва ҷоғар дар байни занҳои таваллудкардаи ш. Исфара дар солҳои 2008-2011*

| № | Нишондиҳандҳо | 2008 | 2009 | 2010 | 2011 |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Ҳамагӣ зиндатаваллуд | 5579 | 6224 | 6594 | 6004 |
| | Шумораи занҳои таваллудкарда | 5581 | 6229 | 6585 | 6014 |
| 2 | камхунӣ аз норасогии оҳан | 5342 | 5115 | 4241 | 4980 |
| | бо % нисбати занҳои таваллудкарда | 95,7 | 82,1 | 64,4 | 82,8 |
| 3 | бемории ҷоғар | 5264 | 4965 | 4334 | 4500 |
| | бо % нисбати занҳои таваллудкарда | 94,3 | 79,7 | 65,8 | 74,8 |

Таи се соли охир шумораи занҳои гирифтории бемории камхунӣ дар байни занҳои таваллудкунанда ба ҳисоби миёна 81,2 % ва ҷоғар 78,6 % афзоиш ёфтааст ва дар бисёр ҳолатҳо ин ба гирифтори оризаи ҳомиладории занҳо оварда мерасонад (ба оқибатҳои вазнини то фавти модар ва кӯдак).

*Ҷадвали №3. Фавти кӯдакони то 1-сола ва то 5-сола дар ш. Исфара дар солҳои 2008-2011*

| Нишондиҳандаҳо | 2008 | 2009 | 2010 | 2011 |
|---|---|---|---|---|
| Фавти кӯдаки то 1- сола ба 1000 зиндатаваллуд (шумораи фавт) | 87 | 133 | 130 | 110 |
| % | 15,5 | 22,2 | 19,7 | 18,2 |
| фавти кӯдакони то 5- сола ба 1000 зиндатаваллуд (шумораи фавт) | 189 | 188 | 159 | 124 |
| % | 35,1 | 30,2 | 24,1 | 20,6 |

**Бемориҳои сироятӣ.** Таи даҳсолаи охир имкониятҳои хадамоти санитарию эпидемиологӣ дар қиёс бо сохторҳои дигари соҳаи тандурустӣ кам шудаанд.

Дар шаҳр 71 муассисаҳои табобатию амбулаторӣ, аз ҷумла 1 беморхонаи маркази шаҳр, 5 беморхонаҳои минтақавӣ, маркази бемориҳои пӯст ва узвҳои таносул, маркази равонпизишкӣ, маркази мубориза бо амрози сил, муассисаи давлатии маркази стоматологӣ, 19 марказҳои саломатии ҷамоатҳо, 23 бунгоҳҳои саломатӣ, 9 нуқтаҳои стоматологии хусусӣ фаъолият мебаранд.

*Ҷадвали №4. Вазъи бемориҳои сироятӣ дар ш. Исфара дар солҳои 2008-2011*

| Бемориҳои сироятӣ | 2008 | 2009 | 2010 | 2011 |
|---|---|---|---|---|
| Сил | 71 | 67 | 85 | 84 |
| (ба 100 ҳаз.аҳолӣ) | 31 | 29 | 37 | 35,5 |
| Газидан (ҳайвонот) | 760 | 745 | 673 | 784 |
| (ба 100 ҳаз.аҳолӣ) | 333 | 324 | 289 | 336 |
| ВИЧ/СПИД | 53 | 70 | 85 | 85 |
| (ба 100 ҳаз.аҳолӣ) | 23 | 30 | 37 | 37 |
| Домана | 49 | 79 | 18 | 16 |
| (ба 100 ҳаз.аҳолӣ) | 22 | 34 | 8 | 6,7 |
| Исҳоли хунин | 100 | 114 | 103 | 157 |
| (ба 100 ҳаз.аҳолӣ) | 44 | 50 | 44 | 67,2 |
| Аҳолӣ, нафар | 228000 | 230381 | 233069 | 237071 |

Дар шароити кунунӣ таҷҳизот ва лавозимоти зарурии (катҳо, кӯрпаю болишт, болопӯшҳо ва ғ.) муасисаҳои тибии амалкунанда фарсуда ва қисман корношоям шудаанд, ки ин сифати хизматрасонии тибиро мушкил намудааст. Новобаста аз он, ки таи солҳои охир 2 адад дастгоҳи нафасдиҳӣ, 1 адад дастгоҳи плазмофорез ва микросопи электронӣ барои ҷарроҳии чашм, 2 адад дастгоҳи ултрасадоӣ (барои беморхонаҳои Воруху Чоркӯҳ) дастрас шуда бошад ҳам, вале дар самти таъминот бо таҷҳизоти замонавии ташхисию табобатӣ масъалаҳои ҳалталаб зиёданд. Гузаронидани ҷарроҳӣ дар узвҳои ковокии шикам бо усули навтарин ва камхарҷи эндоҷарроҳӣ талаботи замон мебошад, ки харидории таҷҳизоти махсусро талаб мекунад. Дар шӯъбаи бемориҳои дил таҷҳизоти ҳозиразамон ва судманди ташхисӣ, ба монанди монитори холтерию дигар системаҳои ташхисӣ мавҷуд нестанд, ки ҳангоми ҳолатҳои таъҷилӣ монеъаҳои зиёдеро ба вуҷуд меорад.

Хароҷоти буҷети маҳаллӣ барои таъмини фаъолияти мӯътадили системаи мавҷуда, хусусан барои қонеъ гардонидани талаботи аввалиндараҷа ва ба гурӯҳҳои аз ҳама осебпазири аҳолӣ нигаронидани захираҳо нокифоя мебошад. Бинобар ин зарурати ҳарҷӣ зиёдтар ҷалб намудани муассисаҳои тиббии аз ҳисоби буҷет маблағгузоришаванда ба хизматрасонии пулакӣ ба миён омадааст.

Беҳбудии сифати хизматрасонии тиббӣ на танҳо ба афзоиши воситаҳои молиявӣ, балки баислоҳоти сохторие, ки барои таъмини истифодаи самараноки захираҳои физикӣ (инфрасохтор), молиявӣ ва инсонӣ равона гардидаанд, эҳтиёҷ дорад.

*Ҷадвали №5. Дурнамои рушди соҳаи тандурустӣ дар шаҳри Исфара барои солҳои 2011-2017*

| Нишондиҳандаҳо | с.2011 ҳисобот | с.2012 баҳодиҳӣ | Параметрҳои дурнамо | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | с.2013 | с.2014 | с.2015 | с.2016 | с.2017 | с.2017 бо % нисбати с.2011 |
| Иқтидори муассисаҳои амбулаторию дармонгоҳӣ (ҳазор қабул дар як баст) | 1862 | 1862 | 1920 | 2000 | 2200 | 2200 | 2200 | 118,2 |
| Миқдори муассисаҳои тиббӣ (воҳид) | 71 | 73 | 76 | 80 | 85 | 85 | 85 | 119,7 |
| Миқдори хонаҳои тиббӣ (воҳид) | 23 | 23 | 25 | 27 | 28 | 28 | 28 | 121,7 |
| - аз ҳисоби хоҷагидорӣ амалкунанда | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | 100,0 |
| - клиникаҳои (беморхонаҳои) хусусӣ | 9 | 11 | 13 | 15 | 18 | 18 | 18 | 200,0 |
| Шумораи кормандони тиббӣ (ҳазор нафар) | 1933 | 2001 | 2060 | 2135 | 2215 | 2230 | 2230 | 115,4 |
| аз он ҷумла: | | | | | | | | |
| духтурон | 413 | 431 | 450 | 475 | 495 | 510 | 510 | 123,5 |
| кормандони миёнаи тиббӣ | 1520 | 1570 | 1610 | 1660 | 1720 | 1780 | 1840 | 121,1 |

Мушкилиҳои мавҷудаи системаи тандурустии Исфара:

| 1. Бад гардидани заминаи моддию техники муассисаҳои табобатию профилактикӣ | |
|---|---|
| Номгӯи мушкилот | Мавзеъ |
| Набудани бинои маъмурии хонаҳои саломатӣ | Мавзеъҳои навбунёди Сангтӯда, Ҷӯи дами деҳоти Ворух, маҳалаи Ғузлони деҳаи Чилгазӣ, Қаробоғи деҳаи Сурх, маҳаллаи Себзори деҳаи Кӯлканд маҳаллаҳои Сомониён ва Тӯхтақули маркази шаҳр ва маҳаллаҳои навбунёдшавандаи Истиқлол ва Ваҳдат |
| Фарсуда ва корношоямии бинои муассисаҳои табобатӣ | Хонаи саломатии Қӯшдевор, хонаи саломатии Даҳана |
| Набудани марказҳои саломатӣ | Дар деҳаҳои Гумбазӣ ва Қӯшдевор |
| Мавҷуд набудани таваллудхона | Дар деҳаи Лаккон |
| Фарсуда ва ё набудани таҷҳизоти муоинаи тиббии рентгенӣ, таҷҳизотҳои УЗИ, бронхоскоп, автоклав, нафаси сунъӣ (ИВЛ-РО), ингалятор, дастгоҳҳои ЭКГ ва лабораторӣ, дефибриллятор, кардиомонитор | Беморхонаи Марказии шаҳр ва маркази саломатии шаҳр |
| Нарасидани таҷҳизоти УВЧ, ИВЛ, Электрофорез | Беморхонаи маркази шаҳр, деҳоти Ворух, Чилгазӣ ва шаҳракҳои Нефтобод, Шӯроб |
| Норасогии доруворими бепул барои шахсони имтиёздошта | Беморхонаи маркази шаҳр ва муассисаҳои табобатии деҳот |
| Мавҷуд набудани нақлиёти ёрии таъҷилӣ | Беморхонаи минтақавии шаҳраки Нурафшон ва марказҳои саломатӣ |
| Фарсуда ва корношоям шудани катҳо, таҷҳизоту лавозимоти зарурӣ | Беморхонаҳои ҳудуди шаҳру деҳоти Исфара |

## 3.2. Маориф

Таъминоти маълумоти босифат омили муҳими расидан ба рушди устувор ва одилона буда, яке аз самтҳои афзалиятноки Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола (ҲРҲ) аст. Пешравӣ дар соҳаи маориф сатҳи самарабахшии ҳамаи азму талош оид ба такмили идоракунӣ, таъмини рушди устувори иқтисодӣ ва рушди нерӯи инсониро муайян менамояд.

Дар шаҳр 19 муассисаи томактабӣ ба таъмири асосӣ ниёз дошта, ташкили гурӯҳҳои иловагӣ дар назди кӯдакистони №13 ҷамоати деҳоти Чилгазӣ зарурат дорад. Ҳамзамон дар солҳои минбаъда бунёди муассисаҳои томактабӣ дар маҳаллаҳои Зебуниссо, Истиқлол, Ваҳдати маркази шаҳр ва дар деҳаи Лаккон пешбинӣ шудааст.

*Ҷадвали №3 . Дурнамои рушди соҳаи маориф барои солҳои 2012 – 2017*

| Нишондиҳандаҳо | с.2011 ҳисобот | с.2012 баҳодиҳӣ | Параметрҳои дурнамо | | | | | 2017 нисбатба 2011, % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | |
| Шумораи кӯдакон дар муассисаҳои томактабӣ, новобаста аз шакли моликият (ҳазор нафар) | 2,0 | 2,1 | 2,2 | 2,3 | 2,4 | 2,5 | 2,8 | 130,0 |
| Шумораи кӯдакони синни томактабӣ | 38,3 | 38,6 | 39,1 | 39,4 | 39,8 | 40,2 | 40,6 | 106,0 |
| Шумораи кӯдакони синни мактабӣ | 48,0 | 48,5 | 49,0 | 49,5 | 50,0 | 50,5 | 51,0 | 106,2 |
| Миқдори ҷойҳо дар муассисаҳои томактабӣ(ҳазор ҷой) | 2,5 | 2,6 | 2,7 | 2,7 | 2,7 | 2,8 | 3,1 | 124,0 |
| Шумораи хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ (ҳазор нафар) | 48,0 | 48,5 | 49,0 | 49,5 | 50,0 | 50,5 | 51,0 | 106,2 |
| Шумораи хонандагон дар басти якуми муассисаҳои таҳсилоти умумии рӯзона (ҳазор нафар) | 31,3 | 31,5 | 32,0 | 32,4 | 32,8 | 33,0 | 33,2 | 106,4 |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи муаллимони муассисаҳои таҳсилоти умумии рӯзона (ҳазор нафар) | 3,2 | 3,3 | 3,4 | 3,5 | 3,6 | 3,7 | 3,8 | 118,7 |

**<u>Маълумоти миёна</u>.** Дар ҳудуди шаҳр 31 муассисаи таҳсилоти томактабӣ, 83 мактаби таҳсилоти умумӣ, аз ҷумла 2 мактаби таҳсилоти умумии асосӣ, 72 мактаби таҳсилоти миёнаи умумӣ, 7 литсей, 1 хонаи бачагони бепарастор ва ятим, 1 мактаб-интернати махсус барои бачагони зарир ва қувваи босираашон суст мебошад. Ҳамчунин, дар шаҳри Исфара 2 маркази таҳсилоти иловагӣ дар маркази шаҳр ва шаҳраки Шӯроб (хонаи пешоҳангон) фаъолият мекунанд.

*Ҷадвали №4. Шумораи хонандагон дар муассисаҳои таълимии шаҳри Исфара дар солҳои хониши 2008-2012 (нафар)*

| Солҳои хониш | 2008-2009 | | 2009-2010 | | 2010-2011 | | 2011-2012 | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи хонанда-гон | Ҳамагӣ | аз он ҷумла духтарон | Ҳамагӣ | аз он ҷумла духтарон | Ҳамагӣ | аз он ҷумла духтарон | Ҳамагӣ | аз он ҷумла духтарон |
| Синфҳои 1- 4 | 18402 | 9050 | 17693 | 8714 | 17342 | 8473 | 17278 | 8340 |
| Синфҳои 5- 9 | 24358 | 11904 | 24414 | 11998 | 24108 | 11865 | 23273 | 11447 |
| Синфҳои 10- 11 | 6283 | 3075 | 6391 | 3079 | 6698 | 3251 | 7461 | 3765 |
| Ҷамъ: | 49043 | 24029 | 48498 | 23791 | 48148 | 23589 | 48012 | 23552 |

Агар фарогирии хонандагони мактабҳои таҳсилоти умумӣ ба зинаи сеюми таълим солҳои 2006-2008 кам шуда бошад, он гоҳ солҳои охир раванди зиёдшавӣ мушоҳида мегардад. Дар соли 2010 фарогирии хонандагон, аз ҷумла духтарон 7,5% зиёд шудааст.

Соли 2011 толибилмони Исфара дар озмунҳои фаннии даври ҷумҳуриявӣ назар ба дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ ҷойҳои бештари ифтихорӣ 2 ҷойи аввал, 3 ҷойи дуюм ва 3 ҷойи сеюмро соҳибӣ карданд.

**<u>Маълумоти олӣ ва миёнаи махсус</u>.** Дар шаҳри Исфара 4 муассисаи таълимии миёнаи махсус Омӯзишгоҳи тиббӣ, Омӯзишгоҳи касби техникии №6 шаҳраки Шӯроб, Коллеҷи технологӣ (Филиали исфарагии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон) ва Литсейи касбии саноати нафту газ фаъолият мекунад.

**<u>Омӯзишгоҳи тиббии ш. Исфара</u>.** Дар муассисаи мазкур 140 нафар толибилмон сабақ омӯхта истодаанд, ки аз онҳо 7 нафар писарон мебошанд. Шумораи умумии омӯзгорони омӯзишгоҳ 23 нафарро ташкил дода, аз онҳо 11 нафар занон ташкил медиҳанд. Муассисаи мазкур асосан аз рӯи ихтисоси ҳамшираи шавқат мутахассис тайёр мекунад.

**<u>Омӯзишгоҳи касби техникии №6-и шаҳраки Шӯроби шаҳри Исфара</u>.** Дар омӯзишгоҳ 25 нафар омӯзгор ва устоҳои таълимӣ- истеҳсолӣ фаъолият доранд, ки аз ин 9 нафар зан мебошанд. Дар соли хониши 2010-2011 дар муассисаи мазкур 259 нафар донишҷӯ таҳсил мекард, ки аз ин 107 нафар духтар аст. Мӯҳлати таҳсил дар омӯзишгоҳ вобаста ба ихтисос 1 ва 2 сол мебошад. Дар омӯзишгоҳ таълим асосан аз рӯи ихтисосҳои дуредгар ва кафшергар ба роҳ монда шудааст.

**<u>Филиали исфарагии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон</u>.** Дар муассиса 462 нафар толибилм таҳсил дорад, ки аз ин 267 нафар духтар аст. Дар муассиса 33 нафар омӯзгорони доимӣ ва 21 нафар омӯзгорони муваққатӣ фаъолият дошта, аз ин 4 нафар зан мебошад. Омӯзиш ба таври рӯзона ва ғоибона ба роҳ монда шуда, дар шӯъбаи рӯзона 279 нафар ва дар шӯъбаи ғоибона 183 нафар аз рӯи ихтисосҳои таъмини барномавии технологияи иттилоотӣ, ҳуҷҷатнигорӣ, таъмини ҳуҷҷатии идора, таъмини барномавии коркарди маълумоти иқтисодӣ, маълумоти корӣ, мошинҳо ва дастгоҳҳои маҳсулоти хӯрока, истеҳсол, нигаҳдорӣ, коркарди растанипарварӣ, технологияи консерва намудани маҳсулоти хӯрока таҳсил мекунанд.

**Литсейи касбии саноати нафту гази шаҳри Исфара** аз рӯи 7 намуди ихтисос (машинисти дастгоҳи пармакунӣ, пармагари чоҳҳои нафту газ, мантёри барқӣ, кафшергари барқию газӣ, тракторчӣ-машинисти истеҳсолоти кишоварзӣ, челонгари автомобил, мантёри барқии дастгоҳҳои баландшиддати барқӣ) мутахассис тайёр мекунад. Дар литсейи мазкур 435 нафар донишҷӯ таҳсил дорад, ки аз ин 16 нафар духтар мебошад. Ба донишҷӯён 46 нафар омӯзгор таълим медиҳад, аз ин 15 нафар зан аст.

Проблемаи асосии муассисаҳои соҳа нокифоягии базаи моддию техникии мавҷуда мебошад.

**Инфрасохтори маориф.** Дар шаҳр як қисми муассисаҳои таълимӣ ба барқарорсозӣ ва таъмир ниёз доранд. Мушкили дигар дар масофаи дур ҷойгир будани мактабҳо мебошад, ки ин ба сифати таълим ва фарогирии талабагон ба таълиму тарбия таъсири манфӣ мерасонад (бахусус дар ҷамоатҳои Чоркӯҳ, Чилгазӣ, Сурх ва Ворух).

Ҳамзамон бинои мактаби таҳсилоти миёнаи умумии № 57 маҳаллаи навбунёди Аэропорти шаҳр дар собиқ идораи ҳисоби хоҷагии шаҳр ҷойгир аст, ки ба талабот ҷавобгӯй нест.

Мушкили дигари соҳаи маориф ин дар се баст таҳсил намудани мактаббачагон ва нарасидани синфхонаҳо, бахусус дар мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумии №57, 67-и шаҳр, № 60, 72 ҷамоатҳои деҳоти Воруху Кӯлканд ва № 31 деҳаи Навгилем мебошад.

Ҳамчунин 26 мактаб ба сохтмонҳои наву синфхонаҳои иловагӣ (барои 8844 ҷои нишаст) ва 3 кӯдакистон (барои 580 ҷой), илова бар ин 25 мактаб ба сохтмони толорҳои варзишӣ ва 10 мактаб ба таъмиру барқарорсозии толорҳои варзишӣ эҳтиёҷ доранд.

Проблемаи дигар дар он аст, ки солҳои охир бинои мактабҳои нави сохташуда танҳо аз синфхонаҳо иборат буда, толорҳои варзишию маҷлисгоҳ, китобхона, ошхона, утоқҳои фаннию корӣ, озмоишгоҳҳои муҷаҳҳазгардонида ва дигар биною иншооти ёрирасон надоранд, ки ин ба сифати таълим таъсири манфӣ мерасонад. Умуман тайи 20 сол дар Исфара ягон мактаби типпии дорои ҳамаи шароити лозима бо тамоми иншооти ёрирасонаш сохта нашудааст.

Ҳоло бо дарназардошти сохтмони мактабу биноҳои наву синфхонаҳои иловагӣ ва кӯҳнаю фарсуда шудани таҷҳизоти мактабӣ дар солҳои минбаъд 13237 комплект мизу курсиҳои талабагӣ, 1025 комплект мизу курсиҳо барои омӯзгорон, 560 адад ҷевони китобмонӣ, 973 адад тахтаҳои синфӣ, 930 комплект мизу курсӣ барои утоқи компютерӣ намерасанд.

Мушкилоти ҳалталаби муассисаҳои соҳаи маориф дар шаҳри Исфара

| Номгӯи мушкилот | Миқдори муассисаҳо |
|---|---|
| Мактабҳое, ки бинобар нокифоягии 1440 ҷои нишаст таҳсил дар се баст ташкил карда шудааст | 5 мактаб ё ин ки 6,3% (№57(дар собиқ идораи ҳисоби хоҷагӣ), №67 шаҳр, №31 деҳаи Навгилем, №72 ҷ/д Кӯлканд ва №60 ҷ/д Ворух |
| Сохтмони биноҳои таълимӣ барои 840 ҷои нишаст дар мактабҳое, ки дар ҳолати садамавӣ қарор доранд. | 4 - мактаб (№ 28, 42, 56, литсейи № 3). Эзоҳ: дар мактабҳои № 28 ва 56 сохтмон давом дорад. |
| Зарурат ба сохтмони мактабҳои нав барои 1920 ҷои нишаст дар маҳаллаҳои навбунёди аҳолинишин, ки мактаб надоранд ва аз муассисаҳои таълимии амалкунанда дар масофаи дур ҷойгиранд | 5 маҳалли аҳолинишин: маҳаллаҳои Лангари ҷ/д Чоркӯҳ аз МТМУ № 27 (5км), Тӯхтақули шаҳр аз МТМУ № 5 (3-4 км), Сангтӯдаи ҷ/д Ворух аз МТМУ № 62 (3-4 км), Ҳазорчашма (Гулистон)-и ҷ/д Сурх аз МТМУ № 29 (3-4 км), мавзеи Ғӯзлони ҷ/д Чилгазӣ аз МТМУ № 66 (4-5км). |
| Зарурат и сохтмони биноҳои таълимӣ барои 964 ҷои нишаст ҷиҳати ҷойгиркунонидани мактабҳое, ки дар биноҳои кӯдакистонҳо ҷойгиранд | 3 - мактаб (№10, 69, литсейи №6 дар биноҳои собиқ кӯдакистонҳо амал мекунанд) |
| Сохтмони мактаб барои 240 ҷои нишаст барои фарзандони муҳоҷирон аз деҳаҳои Ворух, Чоркӯҳ ва Сурх, ки ба мавзеи Моҳпарӣ кӯчонида мешаванд | Ҳуҷҷатҳои лоиҳавии мактаб барои 240 ҷои нишаст мувофиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2009, №505 омода карда, замини зери сохтмон ҷудо карда шудааст. |
| Сохтмони 2 мактаб барои 1920 ҷои нишаст ва кӯдакистон барои 280 ҷой дар мавзеи нави аҳолинишини Моҳпарӣ | Барои ташкили хоҷагиҳо ва ҳавлиҷой аз мавзеи Нурафшон 830 га замин ҷудо карда шудааст ва сохтмони муассисаҳои маориф дар нақшаи генералии маҳал ба нақша гирифта шудааст. |

| | |
|---|---|
| Норасоии 1520 ҷойи нишаст дар мактабҳои таҳсилоти умумӣ ва зарурати сохтмони як кӯдакистон барои 50 ҷой дар маҳаллаи Зебуниссои шаҳри Исфара | 9 мактаб ва як кӯдакистон (мактабҳои таҳсилоти умумии 1, 2, 36, 43, 45, 77, 75. литсейи №7, кӯдакистони нав дар маҳаллаи Зебуниссои шаҳр, мактаб-интернати махсус барои бачагони зарир ва қувваи босираашон сусти шаҳри Исфара) |
| ҲАМАГӢ 28 мактаб барои 8844 ҷои нишаст ва 3 кӯдакистон барои 580 ҷой | |
| Дастшӯякҳо надоранд | 54 мактаб ё (67,5%) ва 21 муассисаи томактабӣ (85%); |
| Пункти тиббӣ надоранд | 68 мактаб |
| Толорҳои варзишӣ надоранд | 25 мактаб |
| Ҳуҷраи гигиенӣ барои духтарон надоранд | 82 мактаб |
| Ошхона надоранд ё ошхонаҳои мавҷуда ба меъёрҳои санитарӣ-гигиенӣ ҷавобгӯй нестанд | Сохтмони ошхона дар 18 мактаб ва таъмири куллии ошхонаҳо дар 15 мактаб |
| Ба таъмири куллӣ мӯҳтоҷанд | 45 муассиса |
| Пурра шиферпӯш кардани бом ва гузаронидани таъмири куллӣ | 6 мактаб ва 6 кӯдакистон |
| Боми толорҳои варзишӣ мӯҳтоҷи таъмири куллӣ мебошанд | 10 мактаб |
| Системаи гармкунӣ нест ва аз печҳои оҳанию ангишт истифода мебаранд | Дар 56 муассиса ва 10 муассисаи томактабӣ |
| Набудани хати барқи тоза | дар 37 мактаб |
| Хати оби нӯшокӣ нест | дар 29 мактаб (36,1%) ва 10 муассисаи томактабӣ (40%) |
| Зарурати сохтмони мабраз | дар 22 мактаб (26,5 %) ва 3 муассисаи томактабӣ (12%) |
| Мабразҳои ташноб (канализатсия) надоранд | дар 81 мактаб (99%) ва 22 (90%) муассисаи томактабӣ |
| Аз сабаби набудани хати ташноб аз қуттиҳои ахлотпартоӣ истифода мебаранд | дар 22 муасссисаи томактабӣ (90%) |
| Ба муассисаи таълимӣ 500 комплект технологияи электронии ҳозиразамон намерасанд ва онҳо ба шабакаи Интернет пайваст нестанд. Истифодабарии онҳо бинобар нарасидани мутахассисони соҳибмаълумот ва набудани барқи доимӣ душвор шуда истодааст. | Дар ҳамаи 81 муассисаҳои таълимӣ |
| Дастрас намудани 13237/26474 комплект мизу курсиҳои талабагӣ, 1025 комплект мизу курсиҳо барои омӯзгорон, 560 адад ҷевони китобмонӣ, 973 адад тахтаҳои синфӣ ва 930 мизу курсиҳо барои утоқҳои фаннии компютерӣ, норасоии мизу курсии хонандагӣ, воситаҳои техникии таълим ва аёниятҳои таълимӣ, кабинетҳои таълимӣ ва таҷҳизоти онҳо (реактивҳои химиявӣ, препаратҳо ва таҷҳизот) | Дар ҳамаи муассисаҳои таълимӣ |
| Таъмин кардани мактабҳои таҳсилоти умумӣ бо кабинетҳои фаннӣ ва озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази замонавӣ тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 майи соли 2010, №223 «Дар бораи тасдиқи Барномаи давлатии таъмини муассисаҳои таълимию илмии ҷумҳурӣ бо кабинетҳои фаннӣ, озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази таълимӣ ва илмию тадқиқотӣ» | Барои 36 муассисаи таълимӣ |
| Таҷҳизонидани толорҳо ва майдончаҳои варзишии муассисаҳои таълимӣ | 42 мактаб |
| Дастрас намудан ва насби камераҳои мушоҳидавӣ | 76 муассисаи таълимӣ, 25 кӯдакистон ва 5 муассисаҳои беруназмактабӣ |
| Норасоии мутахассисон ба фанҳои алоҳида | Дар ҳамаи муассисаҳои таълимӣ |
| Кӯҳна ва фарсуда шудани таҷҳизоту мебел | Ӯрдугоҳи бачагонаи беруназшаҳрии идораи маориф |
| Норасоии таҷҳизоти толорҳо ва майдончаҳои варзишӣ | 42 мактаб |
| Нарасидани таҷҳизотҳо барои кӯдакистонҳо | |

### 3.3. Ҳифзи иҷтимоӣ

Соҳаи таъминоти иҷтимоии ш. Исфара аз низоми суғуртаи давлатии иҷтимоӣ, таъминот бо нафақа, шуғл, муҳоҷирати меҳнатӣ, ҳифзи ҳуқуқи оила, кӯдакон, расонидани кӯмаки суроғавии иҷтимоӣ ба гурӯҳҳои осебпазир ва камбизоат иборат аст.

**Шуғли аҳолӣ**. Дар ш.Исфара аҳолии қобили меҳнат 152,3 ҳазор нафарро ташкил менамояд. Аз шумораи умумии аҳолии қобили меҳнат 98,1 ҳазор нафар ба кор машғул (25,3 ҳазор нафар дар муҳоҷирати меҳнатӣ) мебошанд.

Дар шаҳр шӯъбаи хизматрасонии иҷтимоӣ дар хона фаъолият намуда, ба 132 (аз он занҳо 108 нафар) нафар шахсони бепарастору барҷомонда хизмат мерасонад.

### 3.4. Фарҳанг, варзиш ва сайёҳӣ

Дар ҳудуди шаҳр 14 клубу хонаҳои маданият, 22 китобхонаҳои оммавӣ, 4 мактаби мусиқӣ, 1 мактаби рассомӣ, 3 осорхона, 1 боғи фарҳанг ва фароғат ҷамъ 45 муассисаҳои фарҳангӣ хизмати маданӣ мерасонанд.

Мушкили асосии соҳаи фарҳанг ва фароғат ин:
- ба талабот ҷавогӯй набудани инфрасохтори кохи фарҳанг;
- норасогии кадрҳои баландихтисос ва паст будани музди меҳнати кормандони соҳавӣ;
- норасоии асбобҳои мусиқӣ, навозандагӣ, рассомӣ ва сарояндагӣ;
- набудани мактаби санъат;
- набудани китобхонаи замонавӣ бо толори электронӣ;
- набудани китобхонаи замонавӣ бо толори хониш дар деҳаи Чоркӯҳ;
- таъмирталабии системаи обу ташноб, рӯшноидиҳӣ, гармидиҳӣ ва инчунин курсиҳои нишасти толори асосии қасри фарҳанги Исфара;
- ба таъмири асосӣ ниёз доштани 10 клуб ва 15 китобхонаҳо, ки дар минтақаҳои сарҳадӣ ҷойгир мебошанд;
- норасоии 450 адад курсӣ ва 225 адад миз мизу курсӣ дар 45 муассисаҳои фарҳангии шаҳраку деҳот;
- таъмирталаб будан ва низ доштани Боғи фарҳанг ва фароғати шаҳр ба муҷаҳҳазгардонӣ бо чархофалакҳои замонавӣ ва дигар таҷҳизоти муосир.

*Ҷадвали №2. Дурнамои рушди соҳаи фарҳанг дар шаҳри Исфара, адад*

| Нишондиҳандаҳо | с.2011 ҳисобот | с.2012 баҳодиҳӣ | Параметрҳои дурнамо | | | | | с.2017 бо % нисбат ба с.2011 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | |
| Миқдори муассисаҳои оммавӣ – фарҳангӣ) | 45 | 45 | 45 | 45 | 45 | 45 | 45 | 100,0 |
| Клубҳо | 14 | 14 | 14 | 14 | 14 | 14 | 14 | 100,0 |
| аз он ҷумла ҷумҳуриявӣ | | | | | | | | |
| Китобхонаҳои оммавӣ | 22 | 22 | 22 | 22 | 22 | 22 | 23 | 104,5 |
| аз ҷумла ҷумҳуриявӣ | | | | | | | | |
| Осорхонаҳо | 3 | 3 | 3 | 3 | 3 | 3 | 3 | 100,0 |
| Театрҳо | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | 100,0 |
| аз ҷумла театрҳои касбӣ | | | | | | | | |
| Мактабҳои мусиқӣ | 4 | 4 | 4 | 4 | 4 | 4 | 5 | 125,0 |
| Шумораи хонандагон (нафар) | 442 | 452 | 462 | 480 | 495 | 495 | 995 | 225,1 |

**Варзиш**

*Ҷадвали №1. Нишондиҳандаҳои варзиш дар шаҳри Исфара дар соли 2011*

| № б/т | Номгӯи мусобиқаҳо | Медалҳо | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | тилло | нуқра | биринҷӣ | ҳамагӣ |
| 1 | Вилоятӣ | 44 | 38 | 32 | 114 |
| 2 | Ҷумҳуриявӣ | 14 | 15 | 33 | 62 |
| 3 | Байналхалқӣ | 36 | 7 | 8 | 51 |
| 4 | Чемпионати Осиё | 3 | 3 | 5 | 11 |
| 5 | Чемпионати ҷаҳон | 1 | - | - | 1 |
| | Ҳамагӣ: | 98 | 63 | 78 | 239 |

**Сайёҳӣ**

Исфара яке аз шаҳрҳои қадимтарини тоҷикон дар вилояти Суғд буда, обидаҳои хело нодири таърихӣ бо таври фаровон арзи вуҷуд мекунанд. Дар ҳудуди шаҳр мавзеъҳои таърихии Қалъачаи Мазор (харобаҳои Қалъаи Сурх асрҳои XI-XIII), мақбараи Хоҷаи рӯшноӣ, мақбараи Хоҷа Насрулло, мақбараи овозхон Зебопарӣ (асри XIX), Лангари Моҳиён ва осоишгоҳҳои табобатию истироҳатӣ мавҷуд аст, ки барои ташкил кардани соҳаи саёҳӣ ба мақсад мувофиқ аст.

# 4. ИНФРАСОХТОР

## 4.1. Обтаъминкунӣ ва хизматрасонии коммуналӣ

**<u>Оби тозаи нӯшокӣ</u>**. Таъмин намудани аҳолӣ бо оби тозаи нӯшокӣ ва беҳсозии сатҳи дастрасӣ ба оби ошомидании хушсифат яке аз мақсадҳои асосии Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола аст. Дастрасии аҳолӣ бо оби тозаи нӯшокӣ яке аз афзалиятҳои аввалиндараҷаи шаҳр дар панҷ соли оянда аст. Маълумоти расмӣ нишон медиҳад, ки 67,1 фоизи аҳолии шаҳри Исфара ба оби тозаи ошомидани дастрасӣ надорад ва 90 фоизи он дар маркази шаҳр, ҷамоатҳои «Навгилем», «Чоркӯҳ», Ворух, Сурх ва «Шаҳрак» истиқомат мекунанд.

*Ҷадвали №1 Таъминоти аҳолӣ бо оби тозаи нӯшокӣ, нафар*

| Номи маҳалҳо | Шумораи умумии аҳолӣ | Шумораи аҳолии бо оби нӯшокӣ таъминбуда | Таъ-миннокӣ % | Шумораи аҳолии бо оби нӯшокӣ таъминнабуда |
|---|---|---|---|---|
| Маркази шаҳр | 43836 | 28055 | 64 | 15781 |
| шаҳраку деҳот: | | | | |
| Шӯроб | 2970 | 0 | 100 | 2970 |
| Нефтобод | 4030 | 403 | 10 | 3627 |
| Нурафшон | 1590 | 1590 | 100 | 0 |
| Ворух | 28804 | 0 | 0 | 28804 |
| Навгилем | 35829 | 21032 | 58,7 | 14797 |
| Кулканд | 21782 | 2790 | 12,8 | 19062 |
| Хонобод | 11476 | 896 | 7,8 | 10578 |
| Сурх | 13474 | 1154 | 8,6 | 12320 |
| Чилгази | 15030 | - | 0 | 15030 |
| Чоркӯҳ | 35476 | 5724 | 16,1 | 29752 |
| Шаҳрак | 15624 | 7718 | 49,4 | 7546 |
| Лаккон | 7150 | 1619 | 22,6 | 5531 |
| Ҳамагӣ: | 237071 | 68988 | 29,1 | 168083 |

Таҳлили вазъи кунунии системаи таъминот бо оби нӯшокӣ дар шаҳри Исфара чунин проблемаҳоро муайян намуд:

- таъминоти номунтазами аҳолии деҳаҳои Лаккону Кӯлканд, деҳаи Тоҷикони деҳоти Ворух, деҳаи Хоҷаи Аълои деҳоти Чоркӯҳ, деҳаҳои Чилгазӣ, Боғистон, Даҳана, Қ.Мазор, Матпарӣ, Қизилпилол, Арабқишлоқ, Хонобод, Баланд, Зархок, Қушдевор, Офтобрӯй, Шӯртанг, Гумбазӣ, Янгиобод бо оби ошомиданӣ;
- муҷаҳҳаз набудани муассисаҳои обтаъминкунӣ бо техникаву нақлиёт, фарсудагии қубурҳои интиқоли оби нӯшокӣ ва пойгоҳҳои обкашӣ;
- таъмин набудани аҳолии маҳаллаҳои навбунёди 11-ум, 12-ум, 13-ум, 14-ум ва 15-ум ва тарафи рости дарёи Исфараи маркази шаҳр бо оби нӯшокӣ;
- зарурати аз назди қабристони славянӣ то гардиши «Бинокор» кашидани қубури иловагии қутраш 219 мм;
- зарурати сохтмони ҳафт обанбори хурду бузург бо ғунҷоиши 16400 $м^3$ оби нӯшокӣ;
- ба итмом расонидани сохтмони нотамоми майдончаи Х.Ф.И. ҳаҷмаш 4000 $м^3$-и № 3 ва пайвастани он ба шабакаи оби нӯшокии чорроҳаи Баҳор бо воситаи роҳи МНА-35;
- зарурати барқарор намудани пойгоҳи обгирии Гумбазӣ ва истифодаи он барои бо об таъминкунии аҳолии самти Зархок;
- муҷаҳҳаз набудани ҳудуди санитарии пойгоҳҳои обгирӣ ва шоҳқубурҳо ва дастрас набудани технологияи нави безараркунӣ.

**<u>Хизматрасонии коммуналӣ</u>.** Корхонаи давлатии фаръии «Хоҷагии манзилию коммуналӣ»-и шаҳри Исфара соли 1937 ташкил карда шуда, ба Корхонаи воҳиди давлатии «Хоҷагии манзили- коммуналӣ»-и Ҷумҳурии Тоҷикистон мансуб мебошад.

Проблемаҳо ва афзалиятҳои рушди соҳа:

- нарасидани техника ва фарсуда шудани воситаҳои нақлиётии муассиса;
- таъмирталаб будани қубурҳои обу ташноб ва боми хонаҳои бисёрошёнаи истиқоматӣ;
- дар ҳолати ғайриқаноатбахш вуҷуд доштани партовгоҳи шаҳрӣ;
- дар мувозинаи корхонаи хоҷагии манзилию коммуналӣ 32 км роҳҳои назди хонаҳои бисёрошёна мебошад, ки аз сабаби бисёр солҳо истифода бурдан, роҳҳо таъмирталаб шуда, барои асфалтпӯш кардани 56249 м$^2$ кӯчаҳои дохили шаҳр ва кӯчаҳои шаҳракҳои 7, 8, 9, 10-ум ба миқдори 3,5 млн сомонӣ маблағ лозим аст.

### 4.2. Таъминот бо барқ

Дар тавозуни ҶСК «Шабакаҳои барқии Исфара» 15 адад зеристгоҳи 110/35/6-10кВ бо насби 10 адад трансформаторҳои 110кВ ва 12 адад трансформаторҳои 35кВ амал мекунанд, ки тавоноии умумиашон 153,5 МВА буда, ба 39824 муштариён, аз ҷумла корхонаҳои истеҳсолӣ, тиҷоратӣ, хоҷагиҳои кишоварзӣ, муассисаҳои буҷетӣ ва дигар истифодабарандагону муштариёни маишӣ тавассути 687 зеристгоҳи трансформаторӣ бо тавоноии умумии 155,983 МВА хизмат расонида мешавад, ки ин нишондод дар соли 2010-669 зеристгоҳи трансформаторӣ бо тавоноии умумии 153,095 МВА-ро ташкил медод. Афзоиши аҳолӣ, нақшаи рушди манзил – бунёди маҳалҳои аҳолинишини Сомониёну мавзеи Моҳпарӣ (маҳаллаҳои Ваҳдат ва Истиқлол), маҳаллаи Айнии шаҳраки Шӯроб, деҳаи Офтобрӯйи ҷамоати деҳоти Навгилем ва обёрӣ намудани заминҳои навкорам, ташкили истеҳсолотҳои нав аз тарафи соҳибкорон нокифоягии иқтидорҳои мавҷударо ба миён оварда, зарурияти таҳия ва татбиқи васеъкунии иқтидору тавоноии шабакаҳои барқии шаҳрро тақозо менамояд. Аз ин лиҳоз, тавоноии мавҷуда басанда набуда, ба зиёдшавии сарбории зеристгоҳҳо меоварад.

Барои пешгирӣ намудани танқисии тавоноӣ, дар шафати ЗИ «КМБИ» сохтмони ЗИ-35/10кВ бо тавоноии 2x2500кВА ба нақшаи рушди энергетикаи шаҳр дохил карда шудааст, ки таъмини аҳолии ҷамоати Хонободро бо нерӯи барқ дар бар мегирад.

Афзоиши аҳолӣ сабаби пайдоиши маҳалҳои нав гардида, барои таъминот бо қувваи барқ сохтмони ХИБ-10-0,4кВ ва ЗТ-6-10/0,4 кВ дар ҷамоатҳо, инчунин бинобар афзоиши сарборӣ дучор омадани зеристгоҳҳои трансформатории дар тавозуни ҶСК «Шабакаҳои барқии Исфара» буда, ивази онҳо бо тавоноии баландтар заруратро ба миён овардааст.

Хатҳои асосии таъмини нерӯи барқи аҳолии шаҳр асосан аз хатҳои кабелӣ иборат буда, аз солҳои 1970-1975 дар истифода қарор доранд ва имрӯз талаботи ивази он ба миён омадааст.

Барои рушди соҳа сохтани НБО-ҳои хурд дар қаламрави шаҳру деҳоти Исфара хеле муҳим мебошад. Тадқиқоти гузаронидаи «Кумитаи тараққиёти шаҳр» ва ташкилоти ҷамъиятии«Қалъача» нишон дод, ки дар ҳудуди шаҳр якчанд НБО-ҳои хурду миёна сохтан мумкин ва иқтидори ҳар яки онҳо аз 500 то ба 1500 кВт баробар буда, шаҳрро қисман (25-30 %) бо барқ таъмин карда метавонанд.

### 4.3. Нақлиёт ва коммуникатсия

Муассисаи давлати нигоҳдории роҳҳои автомобилгарди шаҳри Исфара, собиқ «Мавзеи истифодабарии роҳҳои №50» дар шаҳри Исфара ягона ташкилоте мебошад, ки ба таъмир ва нигоҳдории роҳҳо машғул буда, соли 1967 ташкил шудааст. Муассисаи мазкур корхонаи давлатӣ буда, аз рӯи иқтидор ва имконоти мавҷудааш барои хизматрасонии 204,2 км роҳҳои маҳаллӣ мувофиқат намуда, дар тобеияти Муассисаи давлатии «Идораи нақлиётии Хуҷанд»-и Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият мебарад ва аз ҳисоби маблағҳои буҷаи ҷумҳуриявӣ маблағгузорӣ карда мешавад.

Ҳоло дар шаҳри Исфара зиёда аз 562,6 километр роҳҳои автомобилгард мавҷуд буда, аз онҳо:

| Аз рӯи намуди фарш: | |
|---|---|
| аз асфалти гарм сохташуда | 139 км |
| аз омехтаи шағалу мум сохташуда | 162,6 км |
| шағал | 196 км |
| хокӣ | 65 км |

Мушкилоти соҳаи нигоҳдории роҳҳоро чунин метавон арзёбӣ намуд:

1. Роҳи аҳамияти байналмилалидоштаи Исфара-Ворух то сарҳади Қиғизистон.
   - аз километри 18 то 27 аз сабаби солҳои тӯлонӣ надидани таъмири асосӣ фарши роҳ фарсуда гашта, таъмири асосиро талаб менамояд.
   - кӯпрукҳое, ки дар километрҳои 2-юм ва 18-уми роҳи мазкур мавҷуданд ва аз болои дарёчаи Исфара мегузаранд, аз сабаби танг будан ва хӯрдашавии зиёд ба шароити имрӯза ҷавобгӯ нест.
2. Роҳи дорои аҳамияти байналмилалии Исфара-Боткен то сарҳади Қирғизистон.
   - аз сабаби мӯҳлати хизматаш 2 маротиба гузашта, аз саршавии роҳ то километри 6-ум ба таъмири асосӣ ниёз дорад.
3. Роҳи аҳамияти байналмилалидоштаи Исфара-Даҳана то сарҳади Ӯзбекистон.
   - 18 км фарши роҳи мавҷуда ба таъмири асосӣ ниёз дорад.
4. Роҳи аҳамияти ҷумҳуриявидоштаи Конибодом-Нурафшон-Исфара.
   - роҳ дар километри 8,0 то11, 15 то 22, 23 то 26,2 ба таъмири асосӣ зарурат дорад.
5. Роҳи аҳамияти ҷумҳуриявидоштаи Исфара-Шӯроб
   - фарши роҳ дар тӯли 7 км пурра ба таъмири асосӣ эҳтиёҷ дорад.
6. Роҳи дорои аҳамияти маҳаллии Исфара-Нефтобод-Равот.
   - аз километрҳои 0,5 то 2-юм аз сабаби фарсуда шудани хати обу ташноб, ки дар зери роҳ мехобад ва аз садамаҳои хати об роҳ пурра дар зери об монда, фарш ва асоси роҳ тамоман корношоям гаштааст. Инчунин бо сабабҳои дар зикргардидаболо фарши роҳ ба миқдори 7км дар километрҳои 1,3-2,3; 3-4 ва 8-13 фарсуда гашта, таъмири асосиро талаб менамояд.
7. Роҳи дорои аҳамияти маҳаллии Исфара-Лаккон.
   - аз сабаби солҳои тӯлонӣ таъмири асосӣ нашудан, аз километрҳои 4 то 6; 7 то 9; ва аз 12 то 19, ҷамъ 11км фарши роҳ ба таъмири асосӣ эҳтиёҷ дорад.
8. Роҳи дорои аҳамияти маҳаллии Шӯроб-Чоркӯҳ-Октябр.
   - аз сабаби дар доманакӯҳҳо ҷойгир шудани 10,5 км қисми роҳ, дар натиҷаи офатҳои табиии селфарои қисматҳои бистари заминӣ, асос ва фарши роҳ шуста шуда, ба ҳолати садамавӣ қарор дорад. Аз сабаби набудани маблағи кофӣ ҳолати ин роҳ низ ногувор аст ва зиёда аз 13 километри он ба таъмири асосӣ ниёз дорад.
9. Роҳи дорои аҳамияти маҳаллии Хлоппункт-Офтобрӯй.
   - аз километри 3-юм то 6-ум фарши роҳ фарсуда гашта, ба таъмири асосӣ эҳтиёҷ дорад.
10. Роҳи дорои аҳамияти маҳаллии Исфара-Зумрадшоҳ-Чорқишлоқ.
    - аз саршавии роҳ то деҳаи Зумрадшоҳ ба дарозии 0,7 км ва байни деҳаҳои Зумрадшоҳу Чорқишлоқ 0,9 км (ҷамъ 1,6 км) фарши роҳ фарсуда гашта, ба таъмири асосӣ эҳтиёҷ дорад.
11. Роҳи аҳамияти маҳаллидоштаи Исфара-Моҳпарӣ.
    - аз саршавии роҳ то километри 3-юм ва километрҳои 4,5-4,9 (ҷамъ 3,4 км) фарши роҳ фарсуда гашта, ба таъмири асосӣ эҳтиёҷ дорад.
12. Кӯчаҳои маркази шаҳри Исфара.
    - Бинобар истифодаи тӯлонӣ фарши 6,7 км кӯчаҳои шаҳри Исфара, аз он ҷумла 2,0 км кӯчаи Марказӣ, 0,8 км кӯчаи Бобо Махкамов, 1,2 км кӯчаи Бобоҷон Ғафуров, 1,2 км кӯчаи Ҷомӣ ва 1,5 км кӯчаи И.Файзуллоев хеле фарсуда гашта, таъмирталаб мебошанд.

13. Роҳҳои дохили деҳаҳо.

– роҳҳои дохили деҳаҳо ҳамагӣ 114,9 километр буда, аз онҳо 52 километраш дар натиҷаи васеъшавии деҳаҳо дар давоми 19 соли охир ба вуҷуд омадааст ва таъмиру сохтмон нашудааст.

**4.4. Алоқа ва фазои иттилоотӣ**

Пешниҳод намудани хизматрасонии алоқаи хатии телефонӣ ва интернетро дар ҳудуди шаҳри Исфара ҶСШК "Тоҷиктелекоми ш. Исфара" бар ӯҳда дорад. Дар соли 2011 дар ш.Исфара 7 адад истгоҳҳои автоматии телефонӣ мавҷуд буда, ғунҷоиши истгоҳҳои васлкардашудаи телефонӣ 11136 рақам ва миқдори дастгоҳҳои асосии телефонӣ беш аз 8 ҳазор ададро ташкил медиҳад.

Фарогирии аҳолӣ бо барномаҳои телевизиони шабакаи якум-99,9%, Сафина-92,5% ва радиои ҷумҳуриявӣ 95,5% мебошад.

**<u>5. Омодагӣ ба ҳолатҳои фавқулодда</u>**

Ҷамоатҳои шаҳраку деҳоти шаҳри Исфара асосан мувоҷеҳи сел ва обхезиҳо мебошанд. Ба ғайр аз ин, дар шаҳру деҳот ниҳоят баланд шудани сатҳи оби зеризаминӣ ҷой дошта, хунукиҳои сахт дар тамоми ҳудуди он ҳукмронанд.

Тамоми ҳудуди шаҳр ба офатҳои табиӣ, монанди боронҳо, сармо, баландшавии сатҳи оби зеризаминӣ ва селҳо мувоҷеҳ ҳастанд.

*Ҷадвали №1. Номгӯи офатҳои табие, ки таҳдид мекунанд*

| Шаҳр, ҷамоат | шаҳр, шаҳрак, деҳа | Намуди ҷараёни таҳдидкунанда |
|---|---|---|
| Маркази шаҳри Исфара | ш.Исфара | Сел, обхезӣ, обзеркунии фоҷеавӣ аз обанборӣ Тортгул (Қирғизистон) |
| Ҷамоати Чоркӯҳ | деҳаи Чоркӯҳ | Сел, обхезӣ |
| | деҳаи Хоҷаи Аъло | Сел, обхезӣ |
| Ҷамоати Ворух | деҳаи Ворух | Сел, обхезӣ, сангрезӣ |
| Ҷамоати Лаккон | деҳаи Лаккон | Сел, обзеркунии фоҷиавӣ (обанбориТортгул), баланд-шавии сатҳи оби зеризаминӣ, хавфи мина |
| | деҳаи Даҳана | Сел, хавфи мина |
| Ҷамоати Чилгазӣ | деҳаи Чилгазӣ | Сел ,баландшавии сатҳи оби зеризаминӣ, хавфи мина |
| | деҳаи Боғистон | Сел |
| Ҷамоати Хонобод | деҳаи Зархок | Сел, хавфи мина |
| | деҳаи Қизилпилол | Сел, хавфи мина |
| | деҳаи Арабқишлоқ | Сел, обзеркунии фоҷиавӣ (обанбори Тортгул), |
| | деҳаи Баланд | Сел, обзеркунии фоҷиавӣ (обанбориТортгул), |
| | деҳаи Хонобод | Сел хавфи мина обзеркунии фоҷиавӣ (обанбор) |
| | деҳаи Янгиобод | Сел, обзеркунии фоҷиавӣ (обанбор) |
| Ҷамоати Нефтобод | шаҳраки Нефтобод | Сел, хавфи мина, обзеркунии фоҷеавӣ (обанбор) |
| Ҷамоати Навгилем | деҳаи Кӯшдевор | Сел, баландшавии сатҳи оби зеризаминӣ |
| | деҳаи Офтобрӯй | Сел, хавфи мина |
| | деҳаи Шӯртанг | Сел, хавфи мина |
| | деҳаи Гумбазӣ | Обзеркунии фоҷеавӣ (обанбор) |
| Ҷамоати Сурх | деҳаи Сурх | Сел,обхезӣ, |
| | деҳаи Найман | Сел, обхезӣ |
| Ҷамоати Шаҳрак | деҳаи Шаҳрак | Сел обхезӣ, |
| | деҳаи Зумрадшоҳ | Сел,обхезӣ, |
| | деҳаи Якуми Май | Баландшавии сатҳи оби зеризаминӣ, обхезӣ, |
| | деҳаи Матпарӣ | Сел |
| | деҳаи Чорқишлоқ | Сел, Обхезӣ |
| Ҷамоати Нурафшон | шаҳраки Нурафшон | Сел |
| Ҷамоати Шӯроб | шаҳраки Шӯроб | Сел |

Ҳамзамон, барои шаҳр аз ҳама хавфнок канда шудани дамҳои ғарбӣ ва шарқии обанбори Тортгул аст, ки дар ҳудуди ноҳияи Боткени Қирғизистон, 20 км ҷанубу шарқтари шаҳри Исфара воқеъ аст.

Тӯли се соли охир офатҳои табиӣ ба хоҷагии халқи шаҳру деҳоти Исфара ҳамагӣ 18,9 миллион сомонӣ зарар расониданд, ки ин баробари 54,5 фоизи буҷети шаҳр дар соли 2011 мебошад. Зарари аз ҳама калон ба соли 2009 рост омад, ки 6,4 миллион сомониро ташкил медиҳад.

Ҳисорот бештар аз хунукиҳои сахт, селҳо ва боришҳо ба соҳаи кишоварзӣ, хоҷагии манзилию коммуналӣ ва истиқоматгоҳҳои аҳолӣ расидааст.

*Ҷадвали №3. Зарари ҳолатҳои фавқулодда ба инфрасохтори шаҳр*

| Иншооти зарардида | Маблағи зарар, ҳаз.сомонӣ | | | |
|---|---|---|---|---|
| | с.2009 | с.2010 | с.2011 | Ҳамагӣ дар солҳои 2009-2011 |
| Хонаҳои истиқоматӣ | 20,0 | 109,64 | 109,64 | 239,28 |
| Мактабҳо, муассисаҳои томактабӣ | - | 20,2 | 20,2 | 40,4 |
| Муолиҷахона ва беморхонаҳо | - | 0,9 | 0,9 | 1,8 |
| Иншооти маданию маишӣ | 2,8 | 3,37 | 3,37 | 9,54 |
| Роҳҳо | 37,8 | 58,0 | 58,0 | 153,8 |
| Пулҳо | 51,8 | 0,5 | 0,5 | 52,8 |
| Хатҳои интиқоли барқ | 2,5 | - | - | 2,5 |
| Хатҳои алоқа | - | - | - | |
| Истгоҳҳои обкашӣ ва иншооти обтаъминкунӣ | 3,35 | 103,0 | 103,0 | 209,35 |
| Хатҳои обгузар ва ташноб | 39,48 | - | - | 39,48 |
| Кишоварзӣ | 236,8 | 27,06 | 27,06 | 290,92 |
| Иншооти дигар | 6,45 | 45,41 | 45,41 | 97,27 |

Дар давраи нишондодашуда хисорот бештар ба соҳаи кишоварзӣ расидааст. Хисороти ба кишоварзӣ расида, 9,6 маротиба аз қисми хароҷоти буҷети шаҳр, ки ба ин соҳа равона шудааст, зиёдтар мебошад.

Мушкилоти соҳаи пешгирии ҳолатҳои фавқулодда:

Тоза кардану мустаҳкамкунӣ дар селроҳаҳои Ҷӯйи дам ва Лочини ҷамоати деҳоти Ворух ба масофаи 1800м, Тахтапули деҳаи Сурх ба масофаи 1200м, Лангари деҳаи Чоркӯҳ ба масофаи 1300м, Чорводорони ҷамоати деҳоти Шаҳрак ба масофаи 1300 м ва Офтобрӯй ба масофаи 1,6 км, сохтмони дамми азселпешгирикунанда дар маҳаллаи 14-и маркази шаҳр ба масофаи 2 км, маҳаллаи Ғӯзлони деҳоти Чилгазӣ ба масофаи 1,2 км, маҳаллаи Офтобрӯйи деҳоти Навгилем ба масофаи 800 м.

**6. Таъминоти молиявии Барномаи рушд**

Маблағгузории Барнома аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ, буҷети ҷумҳуриявӣ, маблағҳои хусусии соҳибкорон ва манбаъҳои ғайрибуҷетӣ таъмин карда мешавад. Ба манбаъҳои ғайрибуҷетӣ, ки барои маблағгузории Барнома ҷалб карда мешавад, инҳо дохил мешаванд:

- аъзоҳаққии иштирокчиён дар иҷрои Барнома;
- пардохти мақсаднок аз фоидаи корхонаҳои ҳавасманд дар иҷрои Барнома;
- қарзҳои бонкӣ;
- маблағи фондҳо ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ;
- маблағҳои сармоягузорони хориҷӣ;
- сармояи муҳоҷирони меҳнатӣ.

## Замимаи №1. Стратегияи рушди соҳаҳои иқтисодиёт

| № | *Мақсади стратегӣ* | *Вазифа* | *Чорабиниҳо/лоиҳаҳо* | *Арзиши умумӣ, ҳ.сомонӣ* | *2013* | *2014* | *2015* | *2016* | *2017* | *Масъул* | *Манбаи маблаггузорӣ* | *Натиҷаи нишондиҳандаҳо* |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | *Саноат* | | | | | | | | | | | |
| 1 | *Зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот* | *Воридсозии техникаву технологияҳои нав* | *Зиёд намудани истихроҷи ангишт дар Ҷамъияти саҳҳомии шакли кушодаи «Ангишт»* | *16300* | *1500* | *3200* | *3800* | *3800* | *4000* | *Кумитаи давлатии сармоягузорӣ, Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ш.Исфара* | *Манбаҳои хориҷӣ* | *Ба 487 млн сомонӣ расидани ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ* |
| 2 | | | *Пур намудани воситаҳои гардишӣ ва зиёд кардани истеҳсоли маҳсулот дар Ҷамъияти саҳҳомии шакли кушодаи «Чарог»* | *6700* | *2300* | *2400* | *2000* | *0* | *0* | *Кумитаи давлатии сармоягузорӣ, Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ш.Исфара* | *Манбаҳои хориҷӣ* | |
| 3 | | | *Пурра намудани воситаҳои гардишӣ дар Ҷамъияти саҳҳомии шакли кушодаи «Комбинати консервабарории шаҳри Исфара» барои рушди соҳаи консервабарорӣ* | *1075* | *1075* | *0* | *0* | *0* | *0* | *Вазорати молия, ҶСК «Тоҷик содиротбонк»* | *Буҷети ҷумҳуриявӣ, тавассути бонк* | |
| 4 | | | *Эҳёи фаъолияти Матбаи шаҳри Исфара* | *1100* | *1100* | *0* | *0* | *0* | *0* | *Вазорати энергетика ва саноат* | *Маблағҳои худӣ* | |
| | | | *Ҳамагӣ саноат, аз ҷумла* | *25175* | *5975* | *5600* | *5800* | *3800* | *4000* | | | |
| | | | *Маблағҳои худӣ* | *1100* | *1100* | *0* | *0* | *0* | *0* | | | |
| | | | *Буҷети ҷумҳуриявӣ* | *1075,0* | *1075,0* | *0,0* | *0,0* | *0,0* | *0,0* | | | |
| | | | *Сарчашмаҳои хориҷӣ* | *23000,0* | *3800,0* | *5600,0* | *5800,0* | *3800,0* | *4000,0* | | | |

| | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | ***Соҳибкории хурду миёна*** | | | | | | | | | | | |
| 1 | *Рушди соҳибкории хурду миёна* | *Дастгирии иттилоотиву машваратӣ* | *Иттилоотонӣ дар бораи санадҳои қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти фаъолияти соҳибкорӣ.* | *10* | *3* | *3* | *2* | *2* | *0* | *Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ш.Исфара* | *Маблагҳои хусусии соҳибкорон* | *Болоравии сатҳи огоҳии субъектҳои соҳибкорӣ дар бораи ислоҳоти гузаронидашаванда ва беҳтар шудани дастрасии онҳо ба иттилоот* |
| 2 | | | *Дар сомонаи шаҳрӣ таъсиси саҳифаи махсус оид ба соҳибкорӣ ва таъмини саривақтии он бо маълумотҳои зарурӣ* | *5,2* | *1,7* | *1,7* | *1,7* | *0* | *0* | *Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ш.Исфара* | *Маблагҳои хусусии соҳибкорон* | |
| 3 | | | *Ҳамасола таҳия ва нашри маълумотномаи махсус оид ба нишондиҳандаҳои иқтисодӣ ва соҳибкории шаҳр. Нашри китобчаҳо, варақа ва буклетҳои махсуси иттилоотӣ* | *20* | *6* | *6* | *4* | *4* | *0* | *Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ш.Исфара* | *Маблагҳои хусусии соҳибкорон* | |
